Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №78-79 (2905-2906) | ҶУМЪА, 22 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|

## Сарвари давлат бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид вохӯрд



**21 июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия дар доираи иштирок дар Конфронси Рио+20 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун мулоқот намуд.**

Зимни сӯҳбат масъалаҳои ҳамкории гуногунҷанбаи кишвар бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳоду муассисаҳои сершумори он муҳокима гардид.

Дар оғози мулоқот Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки «Ҷониби Тоҷикистон аз сатҳи олии ҳамкории худ бо Созмони Милали Муттаҳид, ки чанде пеш мо бистумин солгарди онро ҷашн гирифтем, қаноатманд аст».

Президенти Тоҷикистон саҳми назарраси ниҳодҳо ва муассисаҳои Созмони Милали Муттаҳидро дар ҳалли маҷмӯи калони масъалаҳои рӯзмарраи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию амнияти Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият баланд арзёбӣ намуд.

Ҷонибҳо ба раванди татбиқи пайгиронаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд.

Оқибатҳои бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, нишонаҳои шиддат гирифтани бӯҳрони озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, мушкилоти зиёди экологӣ ва офатҳои табиии харобиовари солҳои охир аз ҷумлаи монеаҳои чунин раванд номида шуд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон изҳори умедворӣ кард, ки Созмони Милали Муттаҳид дастгирии минбаъдаи ҷониби Тоҷикистонро дар раванди расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва рафъи монеаҳои зикршуда идома хоҳад дод.

Ҷонибҳо инчунин оид ба масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва энергетикӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, ҳамчунин баъзе масъалаҳои мубрами экологӣ дар Осиёи Марказӣ, табодули назар карданд.

Дар масъалаи истиқрори сулҳу субот дар Афғонистони ҳамсоя, Президенти кишвар чунин иброз дошт: «Мо ба ҳар чӣ зудтар баромадани ин сарзамини азияткашида аз ҳолати низоъ сидқан манфиатдорем ва ҷаҳду талоши ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати ҳалли фарогири қазияи Афғонистон дастгирӣ менамоем».

*www.prezident.tj*

## Эмомалӣ Раҳмон бо Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов мулоқот намуд



**20 июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия дар чаҳорчӯби иштирок дар Конфронси Рио+20 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов мулоқот доир намуд.**

Дар вохӯрӣ масоили вобаста ба ҳамкории дуҷониба ва минтақавию байналмилалии ду кишвар баррасӣ шуд.

Бо мақсади таҳкими муносибатҳои мутақобилан судманд, ҷонибҳо ҳалли масъалаҳои марбут ба имзои лоиҳаҳои омодашудаи санадҳо доир ба соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла Созишнома оид ба асосҳои муносибатҳои байнидавлатиро зарур шумурданд.

Масоили ҳамгироии ду давлат дар соҳаҳои маориф, нақлиёт, тиҷорат ва иқтисод, бунёди корхонаҳои муштарак, фаъолияти Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва илмиву техникӣ низ мавриди таваҷҷуҳи сарварони давлатҳои Тоҷикистону Туркманистон қарор гирифт.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Шукурҷон Зуҳуров вакилони Верховна Радаро ба ҳузур пазируфт



Суратгир А. ИСОЕВ

**21 июни соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо вакили мардумии Ҷумҳурии Украина, роҳбари Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Верховна Рада – Парламенти Украина бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Павел Якимович Унгурян ва ҳамроҳонаш мулоқот намуд.**

Шукурҷон Зуҳуров Павел Якимович Унгурян ва ҳайати ҳамроҳонаш - Шаманов Валерий Викторович - вакили Радаи Украина ва Бортш Олег Борисович - директори генералии «Пожспетсмаш»-ро, ки ба кишвари мо ба сафари корӣ ташриф овардаанд, пазироӣ намуда, дар мавзӯъҳои муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистону Украина ва равобити байнипарламентӣ сӯҳбат ороста, ин муносибатҳоро қаноатбахш арзёбӣ намуд.

Равобити дуҷониба дар асоси Созишномаи байнидавлатӣ – Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкории миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина, ки 6 июли соли 2001 ба имзо расидааст, амалӣ мегардад. То имрӯз асоси шартномавӣ-ҳуқуқии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украинаро 79 санад ташкил медиҳанд, ки доираи фарохи ҳамкориҳои миёни ду кишварро фаро гирифтаанд. Барои тавсеаи ҳамкориҳои миёни ду кишвар сафарҳои расмии роҳбарони ҳар ду давлат нақши муҳим бозид. Моҳи марти соли 2008 сафари расмии Президенти Украина ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи декабри соли 2008 сафари давлатӣ ва моҳи декабри соли 2011 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Украина баргузор гардиданд. Дар ҷараёни ин сафарҳо як силсила санадҳои муҳим ба имзо расид, ки барои тавсеаи ҳамкорӣ дар самтҳои гуногун давраи наверо боз намуд. Аз соли 2003 инҷониб Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ роҷеъ ба масоили ҳамкориҳои иқтисодӣ фаъолият дорад. Ҳамкориҳо миёни кишварҳо ва чанде аз минтақаҳои алоҳида дар бахшҳои гуногун тавсеа мeёбанд. Содироти Украина ба Тоҷикистон бисёр намуди таҷҳизоти техникию барқӣ, хӯрокворӣ, доруворӣ ва ғайраро ташкил медиҳад. Аз ҷумла тақрибан 90 фоизи таҷҳизоти техникии неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон аз Украина ворид карда мешавад. Аз Тоҷикистон ба Украина нахи пахта, сабзавот, меваи хушк ва ғайра содирот мегардад.

Чунин муомилот имкон дорад боз ҳам густариш ёбад. Шукурҷон Зуҳуров ҳамчунин дар бораи рушду нумуи бахшҳои ҷомеаи кишвар тӯли солҳои истиқлолият, вазъи минтақа, тасмими қатъии халқу кишвар ҷиҳати бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун», бунёди корхонаҳои муштарак, робитаҳои байнипарламентии миёни ду кишвар ва дигар мавзӯъҳо сӯҳбат намуд.

Роҳбари Гурӯҳи дӯстии Верховна Рада Павел Якимович Унгурян бо Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати ҳамроҳонаш аз пазироии самимонаи Шукурҷон Зуҳуров арзи сипос намуда, изҳор доштанд, ки онҳо ба Тоҷикистон ва мардуми он дилбастагии зиёд доранд ва ҳамеша саъю талош меварзанд то бо ин кишвар ҳамкорӣ ва муносибатҳои дӯстонаро густариш диҳанд. Директори генералии «Пожспетсмаш» Олег Борисович Бортш изҳор намуд, ки мехоҳад зимни сафараш масъалаи бунёди як коргоҳи муштаракро барои тавлиди мошинҳои гуногун, аз ҷумла мошинҳои оташнишонӣ ҳал намояд. Меҳмонон барои густариши ҳар чӣ бештари равобити миёни ду кишвар, халқҳо ва парламентҳои ҳар ду кишвар омодагӣ ва саъю талоши худро изҳор намуданд.

***Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



## Омодасозии мутахассисон тибқи талаботи бозори меҳнат амалӣ шуда, мубориза бо терроризм вусъат мeёбад

**20 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гашт.**

**РАИС: - Вакилони мӯҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Тавре огаҳӣ доред, 17 июни соли равон қалби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъватҳои сеюм ва чорум, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Ҳакимова Хадича Фатҳуллоевна аз тапидан бозмонд.

Хадича Ҳакимова соли 1963 ба дунё омада, баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар мақомоти гуногуни хоҷагиву давлатӣ ифои вазифа намуда, тайи бист соли охир фаъолияти меҳнатӣ, донишу таҷриба ва саъю талоши худро баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои волои қонун ва қонунгузорӣ сарф кардааст.

Марҳум ҳамчун инсони хоксор ва покдилу самимӣ дар байни ҳамкорон сазовори обрӯй ва иззату эҳтиром буд. Ҳамчун вакили мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар барои босифат таҳияву қабул гардидани тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо камоли масъулият ва донишу таҷрибаи ғанӣ саъю талош мекард.

Ёди нек ва хотираи дурахшони Хадича Фатҳуллоевна дар дили дӯстон, ҳамкорон ва ҳамаи онҳое, ки ӯро медонистанд, ҳамеша пойдор хоҳад монд.

Аз ин рӯ, хоҳиш менамоям барои поси хотири Ҳакимова Хадича Фатҳуллоевна як лаҳза хомӯшӣ ихтиёр намоем.

**РАИС:** - Оид ба рӯзномаи ҷаласа лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дасти шумо ҳаст. Доир ба он чӣ пешниҳод доред. Қабул шавад?

Хоҳишмандам мавқеи худро муайян намоед.

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**(Идома дар саҳ. 2)**

## Равобиту ҳамкориҳои шоистаи таҳсин



Суратгир А. ИСОЕВ

**19 июни соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Аббосалӣ Кором оғлӣ Гасанов мулоқот намуд.**

Шукурҷон Зуҳуров Аббосалӣ Кором оғлӣ Гасановро ба муносибати Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуданаш табрик намуда, изҳори боварӣ кард, ки бо фаъолияти сафирии ӯ равобити дуҷонибаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон боз ҳам густариш хоҳад ёфт. Раиси Маҷлиси намояндагон аз ҳамкориҳои миёни ду кишвар дар тамоми бахшҳо, ки сол то сол рушду нумӯ мeёбанд, изҳори қаноатмандӣ намуд. Робитаҳои дипломатии миёни ду кишвар, -гуфт ӯ, - аз соли 1992 оғоз ёфта, то имрӯз дар бахшҳои гуногун як силсила ҳамкориҳо амалӣ шудаанд. Созишнома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкории миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон ҳамчун санади бунёдгузори ҳамкориҳои дуҷониба ба шумор меравад, ки моҳи марти соли 2007 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст. Айни ҳол асоси шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро зиёда аз 20 санад ташкил медиҳанд. Муносибати дӯстонаи роҳбарони ҳар ду давлат омили муҳими густариши муносибатҳои дуҷониба мебошад. Моҳи марти соли 2007 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моҳи августи ҳамон сол сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон доир гардид, ки дар ҷараёни ин сафарҳо як силсила ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расида, барои таҳкими равобити дуҷониба ҳамчун омили муҳим арзёбӣ гардиданд. Равобити миёни кишварҳо ва президентҳоямон намунаи беҳтарини муносибатҳои миёни кишварҳо ва роҳбарони давлатҳо ба шумор меравад.

Раиси Маҷлиси намояндагон ба муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни ду кишвар дахл карда, изҳор намуд, ки ҳаҷми умумии муомилоти тиҷоратии Тоҷикистон бо Озарбойҷон метавонад аз ин ҳам бештар бошад. Барои ин тамоми заминаҳои мусоид вуҷуд доранд. Ҳамкориҳо дар бахшҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра қаноатбахш идома доранд. Сарфи назар аз ин, Ҷумҳурии Озарбойҷон метавонад дар бахшҳои сармоягузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди корхонаҳои гуногуни саноатӣ, кишоварзӣ, истихроҷи канданиҳои фоиданок ва ғайра, корхонаҳои коркарди сабзавоту мева ва дигар масъалаҳо ҳамкории ҳар чӣ бештар дошта бошад.

Роҷеъ ба масъалаҳои равобити байнипарламентӣ Шукурҷон Зуҳуров изҳор дошт, ки дар Маҷлиси намояндагон Гурӯҳи дӯстӣ бо парламенти Озарбойҷон вуҷуд дошта, бо мақсади дар сатҳи боз ҳам баланд ҷараён гирифтани чунин равобит заминаҳои муносиб вуҷуд доранд ва мо аз чунин имкониятҳо истифода хоҳем кард.

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Аббосалӣ Кором оғлӣ Гасанов аз пазироии самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагон изҳори сипос намуда, иброз дошт, ки тамоми фаъолияташро барои ҳар чӣ беҳтару бештар густариш додани равобити миёни кишварҳо ба харҷ медиҳад. Сафир аз ҳамкориҳои гуногуни байни ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда гуфт, ки чунин ҳамкориҳо минбаъд низ идома дода хоҳанд шуд. Вай иброз намуд, ки панҷ сол пеш ба Тоҷикистон сафар карда буд ва дар тайи ин муддат шаҳри Душанбе таври шинохтанашаванда ободу зебо шудааст. Сарфи назар аз он ки, мутаассифона, ҳам Тоҷикистон ҳам Озарбойҷон дар солҳои навадуми асри гузашта ҷангро аз сар гузарониданд, имрӯз баъди рафъи оқибати ҷангҳо симои худро ба куллӣ дигар кардаанд. Ман дер боз ба Тоҷикистон ва мардуми он меҳру муҳаббат дорам. Итминон дорам, ки дар тайи панҷ-шаш соли дигар Тоҷикистон таври куллӣ дигар шуда, баъди бист сол дар сафи пеши кишварҳои пешрафтаи минтақа қарор хоҳад дошт.

Сафир ҳам дар бораи бештар густариш додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ ва дигар кӯмакҳои тарафи Озарбойҷон ба Тоҷикистон, изҳори назар кард. Вай яке аз омилҳои рушду нумӯи кишварро дар бунёди неругоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ арзёбӣ намуд.

Тарафҳо омодагии худро барои дар оянда низ мулоқот намудан бо мақсади баррасии масъалаи ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла равобити байнипарламентӣ, изҳор намуданд.

***Мӯҳтарам ҲОТАМОВ, мудири котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Омодасозии мутахассисон тибқи талаботи бозори меҳнат амалӣ шуда, мубориза бо терроризм вусъат мeёбад

(Идома аз сах. 1)

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»**

**10. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

**11. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»**

**12. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

**13. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»**

**14. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

**15. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»**

**16. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**17. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат»**

**18. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»**

**19. Дар хусуси Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳо**

**20. Дар хусуси Протокол оид ба ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори низомӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ**

**21. Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ҳ.Ҳ. «Оид ба рафти иҷрои сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2012».**

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Махсуддинович дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дар амал татбиқ намудани ислоҳоти иқтисодию молиявӣ вазифаҳои мушаххас гузоштаанд. Айни ҳол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ин вазифаҳо чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Аз ҷумла бо пешниҳоди Ҳукумати ҷумҳурӣ ва дастгирии бевоситаи шумо ба як қатор қонунҳо тағйиру иловаҳо ворид карда, ин санадҳои ҳуқуқӣ ба талаботи имрӯзаи иқтисодиёт мутобиқ гардонида шудаанд.



Имрӯз низ Ҳукумати ҷумҳурӣ ба баррасии шумо лоиҳаи қонунҳоро оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба як қатор қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили:

- лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод намудааст.

Лоиҳаи қонунҳои пешниҳодшуда ба мақсади ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои яквақта, иловапулиҳо ва дигар ҷубронпулиҳо барои хизматчиёни давлатӣ, судяҳои судҳои ҷумҳурӣ, мақомоти прокуратура, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми ба нафақа баромадан, дар ҳолати фавт ва ҳалок гардидан ҳангоми иҷрои вазифа дода мешавад, равона гардидааст.

Дар даврае, ки қонунҳои зикргардида қабул ва мавриди амал қарор дода шуда буданд, музди меҳнати миёнаи моҳонаи хизматчиёни давлатӣ, судяҳо, хизматчиёни ҳарбӣ мутаносибан ба 13, 22 ва 31 сомонӣ баробар ва татбиқи ин қонунҳо ба шароити онвақта мутобиқ буд.

Бояд зикр кард, ки дар даҳ соли охир музди меҳнати ин категорияи кормандон қариб аз 100 то 145 маротиба афзоиш ёфта, имрӯз мутаносибан 543, 1883 ва 4500 сомониро ташкил медиҳад.

Масалан, барои хизматчиёни ҳарбӣ мутобиқи қонуни амалкунанда ҳангоми ба нафақа баромадан 10 маоши таъминоти пулӣ ва ҳангоми маъюб гардидан 40 маоши таъминоти пулӣ пардохт мешавад, ки ин мутобиқи музди меҳнати имрӯза аз 15 то 45 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Чунин пардохтҳои яквақта барои кормандони дигар мақомоти зикргардида низ амалӣ шуда истодааст.

Лоиҳаҳои қонунҳои пешниҳодшуда оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин номутаносибиро ба танзим даровarда, дар оянда имконият медиҳад, ки дар доираи Консепсияи ислоҳоти музди меҳнат маоши вазифавӣ ва ҳадди ақал марҳила ба марҳила зиёд карда шавад.

Соли ҷорӣ аз 1 сентябр дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон музди ҳадди ақал аз 80 сомонӣ ба 250 сомонӣ, яъне 3,0 маротиба зиёд карда мешавад.

Мақсади ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» аз он иборат аст, ки дар айни ҳол ҳамаи қонунҳои амалкунанда оид ба пардохтҳо ва кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ мутобиқи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шудааст. Аммо дар қонуни мазкур мафҳуми кӯмакпулиҳо ва пардохтҳои иҷтимоӣ дарҷ нагардидааст.

Бинобар ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ворид намудани калимаҳои «кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ» пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бошад, бо мақсади ба танзим даровардан ва дуруст ба роҳ мондани пардохти одилонаи кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ ва кӯмакпулиҳои яквақтаина пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» бо мақсади аз байн бурдани вобастагии зиёдшавии андозаи ҳадди ақали нафақа ва ҳадди ақали музди меҳнат пешниҳод гардидааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар аввали соли ҷорӣ дар сархати ҳаштуми моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намудани андозаи ҳадди ақали нафақа аз рӯйи синну сол ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд.

Вале дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» оид ба муқаррар намудани андозаи нафақаи заминавӣ тағйироти дахлдор ворид нашудааст.

Бинобар ин, бо мақсади ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар он ворид намудани чунин тағйирот пешниҳод шудааст.

Дар маҷмӯъ, ба баррасии шумо, мӯҳтарам вакилон 14 лоиҳаҳои қонунҳо барои ворид намудани тағйирот ба қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст ва аз шумо, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаҳои пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Саъдуллоев Ҳабибулло Наимович дода мешавад.

**Ҳабибулло САЪДУЛЛОЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1324 барои омода намудани хулоса ба Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисми 1 моддаи 1 лоиҳаи Қонуни конститутсионии мазкур таклиф пешниҳод намуд, ки он дастгирӣ ёфт.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии зикргардида ба мақсади дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои якдафъаина омода ва пешниҳод шудааст. Чунки мувофиқи сиёсати иҷтимоии давлат ҳадди аққали маош то 200 сомонӣ ва нафақаи ниҳоии шаҳрвандон то 150 сомонӣ баланд бардошта мешавад. Ба ҳамаи ин маблағи Буҷети давлат лозим мешавад.

Аз ин сабаб ба қисми дуюми моддаи 22 ва қисми чоруми моддаи 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйирот ворид карда мешавад.

Мувофиқи он тартиби пардохти суғуртаи якдафъаинаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад ва дар сурати баъд аз ба анҷом расидани ваколатҳо аз рӯйи синну сол ба нафақа баромадани узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба андозаи музди меҳнати семоҳаашон кӯмакпулӣ дода мешавад.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба баррасии шумо, вакилони мӯҳтарам, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамоем барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Самадов Турахон Давлатович дода мешавад.

**Турахон САМАДОВ:** - Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1325 лоиҳа барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи мазкур ҷиҳати иҷрои протоколи машварати кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2012 таҳти №1 с/16.4-3 бо мақсади дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои яквақтаина таҳия ва пешниҳод шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул бо иштироки намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ гузаронида, дар он лоиҳаро муҳокима намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намуда, онро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.



**Насрулло МАҲМУДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти № 1326 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади дар доираи Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои яквақтаина барои хизматчиёни давлатӣ, судяҳо, прокурорҳо ва муфаттишон, хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод мешавад, ки ба прокурорҳо ва муфаттишон ҳангоми ба нафақа баромадан, дар сурати доштани на камтар аз даҳ соли собиқаи хизмат дар мақомоти прокуратура ё ҳангоми маъюбӣ дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа, дар сурати вафоти прокурорҳо ва муфаттишон ба ворисонашон дар ҳаҷми музди меҳнати панҷмоҳа, ҳангоми ҳалок шудан ба ворисон дар ҳаҷми 8 - каратаи музди миёнаи якмоҳаашон, ҳангоми расидани зарар, ки минбаъд фаъолияти кориро ғайриимкон мегардонад, ба ҳаҷми 6 - каратаи музди миёнаи якмоҳаашон, дар ҳолати пурра гум нашудани фаъолияти корӣ ба ҳаҷми 4- каратаи музди миёнаи якмоҳаашон, ба маъюбони гурӯҳи II ба ҳаҷми 5-каратаи музди миёнаи якмоҳаашон ва ба маъюбони гурӯҳи III ба ҳаҷми 4-каратаи музди миёнаи якмоҳаашон кӯмакпулии яквақта дода, ба ҳаҷми 8-каратаи музди миёнаи якмоҳаашон суғуртаи шахсии давлатӣ карда шавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро пурра ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати такмили он шаш таклифҳо пешниҳод карданд, ки бештар хусусияти имлоӣ ва забонӣ доштанд. Аз таклифҳои пешниҳодгардида 5-тоаш пурра қабул гардида, 1-тои он бинобар дуруст будани лоиҳа қабул нашуд.

13 июни соли 2012 кумитаи масъул бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А. Ғаффорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеъ гузаронида, пешниҳодҳои воридшударо дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳа ворид карда шуданд. Дар натиҷа, лоиҳаи қонун аз ҷиҳати забонӣ ва имлоӣ такмил ёфта, ба тадбиқ гардидани он дар амалия мусоидат хоҳад кард.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳури Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳишмандам, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» сухан ба прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода Шерхони Одина дода мешавад.

**Салимзода Шерхони ОДИНА: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсияҳои Гурӯҳи байналмилалӣ оид ба чораҳои молиявӣ (ФАТФ) омода гардидааст. Яъне, ин лоиҳа бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои Тоҷикистон, ки аз Нақшаи амалиёти Истамбулӣ оид ба мубориза бо коррупсия сарчашма мегирад, таҳия шудааст. Мутобиқи ин тавсияҳо давлатҳо- аъзои гурӯҳи ЕвроОсиё қонунгузории миллии худро бояд бо талаботи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ намоянд.



Гузашта аз ин, мақсад аз таҳия ва қабули қонуни мазкур ин муайян намудани тадбирҳои иловагии мубориза бо терроризм ва маблағгузории он, ба ин васила пешгирӣ намудани терроризм ҳамчун хатари имрӯзаи ҷаҳони муосир мебошад.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» моддаҳои $17^1$, $17^2$ илова мешаванд, ки онҳо тартиб, шартҳо ва асосҳои тартиб додани рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд ва манъ кардани воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони бо терроризм алоқамандро муқаррар менамоянд.

Мутобиқи моддаи $17^1$ лоиҳаи қонуни мазкур рӯйхати шахсони бо терроризм алоқамандро Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб медиҳад, ташкилотҳоро Суди Олӣ дар асоси аризаи прокурори генералӣ ташкилоти террористӣ эътироф менамояд. Шахсони воқеӣ низ бо қарори суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ террорист эътироф карда мешаванд.

Яъне, мутобиқи ин қисмҳои моддаи $17^1$ танҳо қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи суд барои ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил намудан асос шуда метавонад.

Инчунин ҳамин меъёри лоиҳа муқаррар менамояд, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд, ҳамчунин шахсони воқеӣ ва ташкилотҳое дохил карда шаванд, ки онҳо Мутобиқи қатъномаи Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва (ё) санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон террорист ё ташкилоти террористӣ эътироф шудаанд.

Тартиби истифодаи рӯйхати шахсони бо терроризм алоқамандбуда аз ҷониби субъектони бевосита бар зидди терроризм муборизабаранда ва хориҷ намудани шахсони мазкур аз ин рӯйхат низ бо ин иловаҳо муайян карда шудааст.

Моддаи $17^2$ лоиҳаи қонун бошад, муносибатҳоро дар мавриди тартиб ва асосҳои манъ кардан ва мусодира намудани воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил шудаанд, ба танзим медарорад. Шарти асосии амалӣ намудани ин тадбирҳо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Инчунин шартҳои дигари таъминкунандаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон низ дар ин меъёр пешбинӣ гардидааст. Яъне, шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо ҳуқуқ доранд аз рӯйи қарорҳо дар бораи террорист ва ташкилоти террористӣ эътироф намудани онҳо, оид ба манъ кардани воситаҳои молиявӣ ва молу мулки дигарашон ва дигар масъалаҳои вобаста ба таъмини моддию маишии аҳли оила, ки дар ин маврид ба вуҷуд меоянд, ба суд шикоят намоянд.

Моддаи мазкури лоиҳаи қонун, инчунин масъалаҳои бекор намудани манъи воситаҳои молиявӣ ва дигар молу мулки террорист ва ташкилотҳои бо терроризм алоқамандро, ки ба рӯйхат дохил шудаанд, низ ба танзим медарорад

Моддаи 2-юми лоиҳаи қонуни мазкур масъалаи мавриди амал қарор дода шудани қонунро муайян кардааст.

Вакилони гиромӣ! Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадориҳои байналмилалии худро пайваста иҷро намуда, доимо тадбирҳои амалиро баҳри иҷрои талаботҳои Конвенсияи байнамилалии мубориза зидди терроризм андешида истодааст.

Қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва дигар санаду ҳуҷҷатҳои муҳим дар сатҳи давлатӣ қабул гардида, тадбирҳои мушаххас баҳри амалӣ намудани онҳо роҳандозӣ шуда истодаанд.

Албатта, маълум аст, ки терроризм бе маблағгузорӣ вуҷуд дошта наметавонад. Баҳри муқовимат бо маблағгузории терроризм 25 марти соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» қабул шуд. Дар назди Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Департаменти мониторинги молиявӣ таъсис дода шуд, ки аз моҳи феврали соли 2010 ба фаъолият шурӯъ намуд, вобаста ба ин ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Бонки миллӣ, фаъолияти бонкӣ, Кодекси ҷиноятӣ ва як қатор қонунҳои дигар тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуне, ки мавриди баррасӣ қарор дорад, давоми мантиқии ҳамин тадбирҳо баҳри пешгирии маблағгузории терроризм мебошад. Он чораҳои иловагиро баҳри пешгирӣ ва муқовимат бо маблағгузории терроризм барои бонкҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фароҳам меоварад, ки он дар таъмини амният, суботу оромии ҷомеа нақши муҳим мебозад. Иловаҳои дар лоиҳаи қонуни мазкур пешбинишуда ба субъектони муборизабаранда бар зидди терроризм имкон медиҳад, ки чораҳои амалии саривақтиро то содир шудани амалҳои террористӣ андешанд. Манъи саривақтии истифодаи маблағҳо, ки аз ҷониби ҷинояткорон имконияти истифодаи онҳоро истисно месозад, омили асосии пешгирии ин намуди ҷиноятҳо мебошад.

Омӯзиши фаъолияти шахсоне, ки амалҳои террористии соли 2010 ва аввали соли 2011-ро дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ содир намуданд, нишон дод, ки онҳо бо истифодаи маблағҳои калон воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ташкил намуда, аъзои онҳоро бо яроқ, либос, хӯрока ва дигар мавод таъмин намудаанд.

Имрӯз терроризм ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷомеаи Тоҷикистони моро низ ба ташвиш овардааст, хусусан нокушода мондани қисме аз амалҳои террористӣ ташвишовар мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбарҳои баланд, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид таъкид намудаанд: «Терроризм бо дини мубини ислом ягон иртиботе надорад».

(Идома дар саҳ. 3)

(Идома аз саҳ. 1, 2)

# Омодасозии мутахассисон тибқи талаботи бозори меҳнат амалӣ шуда, мубориза бо терроризм вусъат меёбад

Бо истифода аз ин лаҳзаи муносиб аз шумо, вакилони гиромии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиромона хоҳиш менамоям ва даъват ба амал меорам, ки баҳри баланд бардоштани ҳушёрии сиёсӣ ва зиракии мардум кӯшиш намоем, моҳияти терроризм ва ягон иртибот надоштани онро бо дини мубини ислом ва ҷиҳод ба онҳо фаҳмонида бидиҳем.

Лоиҳаи қонуни мазкур баъди пешниҳод ба Маҷлиси намояндагон дар кумитаҳои он бо ҷалби мутахассисон ва олимони соҳаи ҳуқуқ мавриди муҳокима ва такмили ҷиддӣ қарор гирифт.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»-ро ба баррасӣ пешниҳод намуда, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳишмандам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Гиёев Сайфулло Неъматович дода мешавад.



**Сайфулло ГИЁЕВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида бо мақсади мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ доир ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм таҳия ва пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2012 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур 13 июни соли 2012 аз рӯзномаи ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмил додан бардошта шуда, ҳамзамон дастур дода шуд, ки кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба лоиҳаи қонун хулосаҳои худро оид ба мукаммал намудан ва такмили он пешниҳод намоянд ва кумита масъалаи мазкурро аз нав мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 14 июни соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ ва намояндаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дод.

Кумитаи масъул бо назардошти мулоҳизоти иштирокчиёни ҷаласа ба хулоса омад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ҷонибдорӣ карда шавад.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»- ро ҷонибдорӣ намоед.

Вобаста ба ин масъала вакилон Шодӣ Шабдолов, Муҳиддин Кабиров, Сӯҳроб Шарипов фикру андешаҳои худро иброз доштанд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС :-** Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Яке аз самтҳои афзалиятноки стратегии сиёсати давлат, ки онро Ҷаноби Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян намудаанд, ин баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва дар ин робита вусъат бахшидан ба сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои ҷумҳурӣ мебошад.

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтмони роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта диққати махсус дода, имрӯз сохтмон ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Кулма-шоҳроҳи Қароқурум, Душанбе—Панҷи поён, Душанбе-Чанок, Душанбе-Турсунзода, Душанбе-Ҷиргатол-сарҳади Қирғизистонро амалӣ намуда истодааст.

Дар баробари роҳҳои автомобилгард роҳи оҳан низ барои рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ аҳамияти муҳим дорад. Аллакай роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст. Ҳамзамон лоиҳаҳои сохтмони дигар роҳҳои оҳан дар ҷумҳурӣ омода шудааст. Сохтмони роҳи оҳани Душанбе-Ёвон аз ҷумлаи ин лоиҳаҳо мебошад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», ки ба баррасӣ пешниҳод шудааст, бо мақсади аз андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ озод намудани воридоти таҷҳизот ва маводҳои сохтмонӣ барои сохтмони хати нави роҳи оҳани Душанбе-Ёвон равона гардидааст.

Сохтмони роҳи мазкур имконият медиҳад, ки минтақаи Душанбе бо минтақаи Қӯрғонтеппа пайваст гардад. Масофаи роҳи оҳани имрӯзаи Душанбе-Қӯрғонтеппа тавассути роҳи оҳани Ӯзбекистон 331 км (443,6-122,5 км) кӯтоҳ мегардад, ки ин сарфаи вақт ва гаронии арзиши боркашонӣ ва хизматрасониро ба аҳолӣ сабук менамояд.

Хати нави роҳи оҳани сохташаванда 40 км дарозӣ дошта, он як адад нақб (2340 м) ва 18 адад кӯпруки хурду калонро дар бар мегирад.

Тибқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ ва асоснокkунии техникӣ-иқтисодии аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотӣ ва лоиҳакашиву кофтуковӣ» таҳиякардашуда, барои пӯшонидани хароҷот ҷиҳати харидории маводи қисми болоии роҳ барои сохтмону азнавсозии фосилаҳои роҳи оҳани Душанбе-Ёвон, азнавсозии фосилаҳои Роҳатӣ-Ваҳдат-Элок маблағи корҳои иҷрошаванда 508 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки андоз аз арзиши иловашуда аз ҳисоби иҷрои корҳои сохтмонӣ 92 млн. сомонӣ, андоз аз арзиши иловашуда аз ҳисоби маводҳои воридшавандаи қисми болоии роҳ 32 млн. сомонӣ ва боҷи гумрукии онҳо 11 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Имтиёзҳои андозии пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки рушди минбаъдаи базаи моддӣ-техникии роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шуда, аз ҳисоби маблағҳои худии корхона техникаву таҷҳизот ва маводи сохтмонӣ барои сохтмони роҳи мазкур харидорӣ шавад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Раҷабов Сафаралӣ Худоёрович дода мешавад.

**Сафаралӣ РАҶАБОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар лоиҳа пешниҳод гардидааст, ки ба моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» қисми ёздаҳум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Иҷрои корҳои сохтмонии хатти нави роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа (қитъаи Ваҳдат-Ёвон, азнавсозии фосилаҳои Роҳатӣ-Ваҳдат-Элок ва Қӯрғонтеппа-Ёвон-Ваҳдат) ва воридоти молҳо бо ин мақсад аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон», ки номгӯй ва миқдори онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.».

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро пурра ҷонибдорӣ намуданд.



Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонуни мазкур ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сироҷов Шарофиддин дода мешавад.

**Шарофиддин СИРОҶОВ: Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2012 таҳти №301 пешниҳод шуда, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1330 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 таҳти №43 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997 таҳти №517 «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 таҳти №242 «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд» мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» таҳия гардидааст.



Мувофиқи лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» пас аз калимаҳои «ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ)» калимаҳои «, кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ» илова карда шавад ва минбаъд кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ аз рӯйи нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт карда шаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Дар ҷаласаи васеи кумита 11 июни соли 2012 лоиҳаи қонуни зикргардида бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Фелалиев Акрамшо Саидшоевич дода мешавад.

**Акрамшо ФЕЛАЛИЕВ : - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2012 таҳти №304 маъқул дониста шудааст.

Тағйирот ба боби 8 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Пардохтҳои кафолатӣ ва ҷубронӣ» ба моддаи 113 «Кафолат барои кормандоне, ки ҷиҳати ташхис ба муассисаи тиббӣ фиристода мешаванд», моддаи 114 «Кафолат барои роҳбарони ташкилот ва кормандоне, ки вазифаи умумии идоракунии ташкилотро ба ҷо меоваранд» ва моддаи 116 «Ҳисоби музди меҳнат» ворид гардидаанд. Ҳамзамон лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда мутобиқ гардонидани моддаи 113-уми Кодекси мазкурро ба талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии



Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», яъне «Кӯмакпулӣ ҳангоми корношоямии муваққатӣ» пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи қисми панҷуми моддаи мазкур кӯмакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ аз рӯйи ҳисоби якмоҳа назар ба андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам буда наметавонад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. А. Ғаффорова, намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни муҳокимашаванда ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Вакилони гиромӣ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Расулов Ашӯрбег Раҳматуллоевич дода мешавад.



**Ашӯрбег РАСУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои яквақтаина барои кормандони мансабдори мақомоти гумрук ва тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад.

Бо лоиҳаи қонуни мазкур дар қисми 3-юми моддаи 496 Кодекси гумрук рақамҳои 180 ба рақами 8, рақами 36 ба рақами 6, рақами 12 ба рақами 5 иваз карда шуда, хориҷ намудани моддаи 343 ва бо таҳрири нав ифода кардани моддаи 344 Кодекси мазкур пешбинӣ шудааст.

Бояд зикр кард, ки дар соли 2001 баъд аз ба муомилот баровардани пули миллӣ музди меҳнати миёнаи кормандони мақомоти гумрук нӯҳ сомониро такшил дода бошад, ин нишондод дар соли 2012-ум ба 2185 сомонӣ расидааст.

Тибқи қисми 3-юми моддаи 496-и Кодекси гумрук кормандони мансабдори мақомоти гумрук аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи баробар ба ҳаҷми 180 каратаи музди миёнаи якмоҳаашон ҳатман суғуртаи шахсии давлатӣ карда мешаванд.

Мувофиқи қисми 3-юми моддаи мазкур дар сурати ҳалок шудан агар он дар натиҷаи расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон вобаста аст, ба амал омада бошад, ба ворисонаш ба андозаи баробар ба ҳаҷми 180- каратаи музди миёнаи якмоҳаашон, дар сурати расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатиашон, ки минбаъд ба фаъолияти касбӣ машғул шудани онҳоро ғайриимкон мегардонад, ба андозаи баробар ба ҳаҷми 36- каратаи музди миёнаи якмоҳаашон ва дар сурати расонидани ҷароҳати ҷисмонӣ ё зарари дигаре ба саломатиашон, ки дар натиҷаи он қобилияти кориашон ба таври пурра гум нашуда, ба қобилияти минбаъд машғул шудан ба фаъолияти касбӣ асар накардааст, ба андозаи баробар ба ҳаҷми 12- каратаи музди миёнаи якмоҳаашон маблағи суғуртавиро мақомоти суғуртаи давлатӣ пардохт мекунанд.

Моддаи 343-юми Кодекси гумрук боҷҳои гумрукии мавсимиро дар бар гирифта, тибқи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад боҷҳои гумрукии мавсимиро барои танзими фаъолияти тиҷорати хориҷӣ муқаррар намояд ва дар ин ҳолат ставкаҳои боҷҳои гумрукии муқаррарнамудаи тарифи гумрукӣ истифода карда намешаванд.

Моддаи 344-уми Кодекс бошад, намудҳои хоси боҷҳоро дар бар мегирад ва тибқи он бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати моли воридотӣ боҷҳои хоси гумрукӣ метавонанд муваққатан истифода карда шаванд (махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ).

Боҷҳои махсус, ин агар мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин миқдор ё шартҳое ворид шавад, ки он тавонад ба истеҳсолкунандагони ватании моли шабеҳ ва ё моли бевосита рақобаткунанда зарар расонад ё таҳдиди зарар расонидан намояд, ҳамчун тадбири ҷавобӣ ба амалҳои дискриминатсионии баъзе кишварҳо ё иттиҳодияҳои онҳо, ки манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистонро халалдор менамояд.

Боҷҳои зиддидемпингӣ дар сурати ворид намудани мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархи нисбат ба нархи гумрукии миёнаи омории дар кишвари содиркунанда дар лаҳзаи воридот ниҳоят пасттар, агар чунин воридот ба истеҳсолкунандагони дохилии моли шабеҳ зарари моддӣ расонад ё таҳдиди зарар расонидан намояд ё ба ташкил ва ё ба бештар истеҳсол намудани чунин мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамониат кунад, истифода мегарданд.

Боҷҳои ҷубронӣ, ҳангоми ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани моле, ки ҳангоми истеҳсол ё содир кардани он бевосита ё бавосита аз субсидия истифода шудааст ва агар чунин воридот ба истеҳсолкунандагони ватании моли шабеҳ зарари моддӣ расонад ё таҳдиди зарар расонидан намояд ё ба ташкил ва ё ба истеҳсоли бештари моли шабеҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамониат кунад, истифода бурда мешаванд.

Тибқи қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1333 лоиҳаи қонуни мазкур барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонун аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд ва онҳо лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ кардаанд.

Бо назардошти хулосаи шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон техникаи таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур аз нав таҳия шуд.

Дар ҷаласаи васеи кумита лоиҳаи қонуни мазкур бо иштироки вакилони мутасаддии кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии ҳаматарафа қарор дода шуд.

Бо назардошти ин, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зиёратшо Саъдулло дода мешавад.

**Зиёратшо САЪДУЛЛО: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» ҷиҳати иҷрои протоколи №1 с/16.4-3 машварати кории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2012 бо мақсади дар доираи имкониятҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулиҳои яквақтаина барои хизматчиёни давлатӣ, судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи қонуни мазкурро 13 июни соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғаффорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Маҳмадалиев Амирбек Темурович дода мешавад.



**Амирбек МАҲМАДАЛИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1332 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд.

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмӯъ дастгирӣ карда, ҷиҳати такмили он ворид намудани таклифу дархостҳои худро пешниҳод намуданд.

12 июни соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт ва дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ворид намудани тағйироти зеринро зарур шуморид:

1. Дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 1 калимаи «ашхоси» ба калимаи «шахсони» иваз карда шуд.

2. Қисми 2 лоиҳаи қонун дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Ба ном ва қисми дуюми моддаи 16 пас аз калимаи «дафн» ва ба қисми якуми ҳамин модда баъд аз калимаҳои «(кӯмакпулии маросимӣ)» калимаҳои «ба аъзои оилаи камбизоат» илова карда шаванд.».

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо назардошти тағйиру иловаҳои пазируфтаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»-ро ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд ва аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 1, 2, 3)

# Омодасозии мутахассисон тибқи талаботи бозори меҳнат амалӣ шуда, мубориза бо терроризм вусъат меёбад

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Хонов Абдураҳмон Умарович дода мешавад.

**Абдураҳмон ХОНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуд.

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намуданд.

12 июни соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт ва якдилона ҷонибдорӣ шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.



Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»-ро ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд ва аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Ҷонов Назрулло дода мешавад.

**Назрулло ҶОНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1337 барои омода намудани хулоса ба Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.



Дар лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод мешавад, ки дар сурати вафоти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ дар ҳаҷми 5 музди моҳонаи меҳнат аз ҷойи кори охиринаш кӯмакпулии яквақта ва ҳангоми ба нафақа баромадан дар сурати доштани на камтар аз 15 соли собиқаи хизмати давлатӣ ҳангоми маъюбӣ дар ҳаҷми музди меҳнати се моҳа кӯмакпулии яквақта муқаррар карда шавад.

12 июни соли 2012 дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Ҳисайнов Умаралӣ Фатоҳович дода мешавад.

**Умаралӣ ҲИСАЙНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1338 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади дар доираи имконияти Буҷети давлатӣ ба танзим даровардани пардохти кӯмакпулии яквақта барои хизматчиёни давлатӣ, судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

13 июни соли 2012 кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А. Ғаффорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Дар натиҷа, лоиҳаи қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Дар асоси ин гуфтаҳо аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ҷиҳати тасдиқи лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Иномов Абдузафар дода мешавад.



**Абдузафар ИНОМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1336 лоиҳаи қонуни мазкур барои омода намудани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

13 июни соли 2012 кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А. Ғаффорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дода, лоиҳаи қонуни мазкурро якдилона ҷонибдорӣ карданд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимов Амиркул Насимович дода мешавад.

**Амиркул АЗИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президеннти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти №1334 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

13 июни соли 2012 кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Н.А. Ғаффорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дод ва он ҷонибдорӣ шуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Холов Саттор дода мешавад.

**Саттор ХОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2012 таҳти № 1339 лоиҳаи қонуни мазкур барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.



Дар лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод мешавад, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти разведкаи ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳоро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» ба танзим медарорад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ карда, доир ба он хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

13 майи соли 2012 кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А. Ғаффорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Дар натиҷа, лоиҳаи қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ҳакимов Мироҷиддин Дӯстмуродович дода мешавад.



**Мироҷиддин ҲАКИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ бахши хусусӣ дар миқёси кишвар сифатан тағйир ёфта нақш ва саҳми он дар таъмини рушди ҷомеа, бахусус соҳаҳои алоҳидаи он беш аз пеш афзун мегардад. Ҳоло тибқи маълумоти оморӣ зиёда аз 40 дар садди Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ аз ҷониби бахши хусусӣ истеҳсол мешавад, ки он дар навбати худ муносибати мазмунан нави давлат, яъне ҳамкории давлат ва бахши хусусиро тақозо менамояд.

Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ин муносибати мутақобилан кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати ба низоми муайян даровардашудаи давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳои ҳаётан муҳим ба ҷомеа мебошад.

Ҳамин тавр, инкишофи шаклҳои моликият дар ҷумҳурӣ ва гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ ба ташаккули бозори меҳнат мусоидат намуда, талабот ба касбу ҳунарҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад, ки тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ дар ин раванд мавқеи хосаро ишғол менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», ки ба муҳокимаи шумо пешниҳод карда мешавад, мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Шабозов, М. Ҷабборова ва М. Ҳакимов бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди омода намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат ва дар ин замина фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузории бахши хусусӣ ба низоми таҳсилоти касбӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз муқаддима, 5 боб ва 20 модда иборат буда, масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии ҳамкории низоми таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнатро дар бар гирифтааст.

Дар боби якум-мафҳумҳои асосии дар қонуни мазкур истифодашаванда сиёсати давлатӣ дар соҳаи тайёр кардани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ, бо назардошти талаботи бозори меҳнат, муқаррар гардидаанд.

Боби дуюм - тарафҳо, шакл ва мақомоти ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи тайёр намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ, бо назардошти талаботи бозори меҳнат мушаххас намуда, ҳамкории давлат ва бахши хусусиро дар ин самт ба доираи ҳуқуқӣ ворид менамояд.

Боби сеюм бошад, ба муайян намудани сохтори интихоби довталабон дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ташкили қабули таълимгирандагон, таълими мақсаднок, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо, иштироки корфармоён дар корҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бахшида шуда, дар он раванди бевоситаи таълим ва омода намудани мутахассисони касбу ҳунарҳои гуногун мушаххас карда шудаанд.

Бобҳои чорум ва панҷум - ба фаъолияти иқтисодӣ, пеш аз ҳама, маблағгузории бисёрҷабҳаи низоми таҳсилоти касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат, ҳавасмандгардонӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ, инчунин ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонуни мазкурро дар бар мегирад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намудаанд ва барои такмили он 104 таклифу пешниҳодҳо ирсол карданд, ки 96-тои онҳо пурра ва қисман қабул ва 8-тои дигараш мавриди қабул қарор нагирифтанд.

13 июни соли 2012 лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаи васеи кумита бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии ҳаматарафа қарор дода шуд. Бо назардошти таклифҳои пешниҳодшуда муқаддима, моддаҳои 1,4,17 дар таҳрири нав ифода ва ба моддаҳои 3,6,14 ва 16 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Инчунин сархатҳои қисми 1 ва қисми 2-юми моддаи 12 ва сархати шашуми қисми 1-уми моддаи 15 хориҷ шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набуда, аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Дар ин асос лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат»-ро барои муҳокима ба баррасии шумо, вакилони арҷманд, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ карда, барои қабули он дастҷамъона овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Нуриддин Саидович дода мешавад.

**Нуриддин САИДОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва ҳозирини гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» бо ташаббуси қонунгузории вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи кор омада, бо мақсади мутобиқ намудани он ба талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011 таҳти №1021 «Дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин мукаммалгардонии чараёни омода намудани мутахассисони рақобатпазир ва ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии мутааллиқ ба бозори меҳнат пешниҳод гардидааст.

Ҳамасола дар ҷумҳурӣ зиёда аз 28 ҳазор нафар мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ наздик ба 280 номгӯйи ихтисос тайёр карда мешаванд, ки мутаносибан 45 фоизи онҳо аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ва 55 фоиз аз ҳисоби сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ мешавад. Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 151 ҳазор нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.

Ҳар сол аз рӯйи 110 ихтисос дар 49 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 10000 нафар мутахассис тайёр карда мешавад, ки қариб 65,5 фоизи онҳо аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ таҳсил намуда, муассисаҳоро хатм мекунанд. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 40100 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд.

Дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 67 муассиса фаъолият намуда, аз рӯйи 80 ихтисос мутахассисон омода мекунанд. Алҳол дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 23857 нафар хонандагон таҳсил менамоянд, ки аз ин маблағгузории 80 фоизи онҳо аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

Бинобар сабаби устувор набудани бозори меҳнати дохилӣ қисми зиёди мутахассисони дорои таҳсилоти касбии зинаҳои гуногун фаъолияти худро хориҷ аз кишвар амалӣ месозанд. Гузашта аз ин, бинобар дуруст ба роҳ монда нашудани чараёни банақшагирӣ, пешгӯӣ, пешбинӣ дар сектори давлатӣ ҳолатҳое ба мушоҳида мерасад, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷет барои сектори хусусӣ мутахассис омода карда мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар тайёр кардани мутахассисони сатҳи гуногун ба ғайр аз давлат ва шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо, муассисаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ширкатҳо, бонкҳо, умуман сектори хусусӣ) ширкат намеварзанд. Онҳо аз захираи кадрии аз ҳисоби Буҷети давлат ва шаҳрвандон омода гардида, эҳтиёҷоти кадрии худро пас аз озмунҳои бодабдаба таъмин менамоянд. Ин ҳолат ба талаботи шароити иқтисодиёти миллӣ мутобиқат намекунад ва зарурати ба воситаи қонун танзим кардани он ба пеш омодааст.

Бо назардошти нуктаҳои фавқуззикр қабули қонуни мазкур айни муддао аст. Гузашта аз ин, қонуни мазкур заминаи ҳуқуқиро барои ташаккули низоми фармоишҳои давлатӣ дар тайёр кардани мутахассисони ба иқтисодиёти кишвар заруру дар бозори меҳнат рақобатпазир, инчунин шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, таҳияи чунин санади меъёрии ҳуқуқиро дар ин самт метавон ҳамчун иқдоми манфиатбахш барои рушду нумӯи иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ намуд.

Дар моддаи 1-уми лоиҳаи қонун аппарати категориявӣ ва мафҳумҳое, ки бо ёрии онҳо қонуни мазкур ифода мешавад, гирд оварда шудааст, ки аз назари техника ва технологияи қонунэҷодкунӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар матни лоиҳаи қонун истилоҳи «бозори меҳнат», «таҳсилоти касбӣ», «маблағгузории бисёрманбаъ», «иттиҳодияи корфармоён», «таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ», «омӯзиши касбӣ», «ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнат» ва даҳҳо мафҳумҳои дигар истифода шудаанд, ки аз назари татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаззоб ва қобили қабул аст.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур ба бозори ҷаҳонии меҳнат низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки бо назардошти шароити муосири ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон бисёр саривақтӣ мебошад. Вобаста ба ин, таъкид месозем, ки дар Вазорати маориф дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси омӯзиши бозори меҳнати дохилӣ, бозори меҳнати ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Украина, Белорус, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои соҳили баҳри Балтика, Аврупои марказӣ таснифгари равия ва ихтисосҳои касбҳои коргарӣ бо забони тоҷикӣ ва русӣ омода гардидааст, ки рӯзҳои наздик барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад. Ин таснифгар мувофиқ ба талаботи бозори меҳнати кишварҳои зикршуда тайёр намудани кадрҳои коргарӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ омода шудааст. Аз ин нигоҳ қабули қонуни мазкур хеле зарур аст.

Тибқи муқаррароти моддаи 12-уми лоиҳаи қонуни мазкур корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо, аз ҷумла дар «таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилоти касбӣ, нақшаву барномаҳои таълимӣ, ташаккули фанҳо, нақшаи таълимии ихтисосҳо ва ташкили таҳсилоти касбӣ» иштирок карда метавонанд. Бо чунин ҳуқуқ дар пояи қонунгузорӣ соҳиб гардидани субъектҳои зикргардида имкон медиҳад, ки доираи васеътари шахсони ҳуқуқӣ дар таҳияи стандартҳои давлатӣ ширкат варзанд ва ин дар навбати худ барои сифатан беҳтар гардидани чунин ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи маориф ва ба талаботи иқтисоди миллӣ бештар ҷавобгӯ намудани онҳо мусоидат менамояд.

(Идома дар саҳ. 5)

# Омодасозии мутахассисон тибқи талаботи бозори меҳнат амалӣ шуда, мубориза бо терроризм вусъат меёбад

**(Идома аз саҳ. 1, 2, 3, 4)**

Дар моддаи 15-уми лоиҳаи қонуни мазкур масъалаи арзёбии мустақили сатҳу сифати таҳсилоти касбӣ баррасӣ шуда, роҳҳои амалӣ намудани фаъолияти мазкур нишон дода шудааст, ки ин аҳамияти муҳими амалӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба масъалаи «ҳамкории давлатию хусусӣ» дар маркази таваҷҷуҳи қонунгузор қарор гирифта, ин масъала бобҳои 2,3 ва 4-уми лоиҳаро фаро гирифта, тамоми самтҳои ҳамкориҳои дуҷонибаро дар омода кардани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбӣ равшан намудааст, ки ин дар низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ҳамчун воқеияти тоза ва нозук махсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти далелҳои овардашуда зарурати қабули қонуни мазкурро ҷонибдорӣ менамояд.

Аз ин рӯ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**- Вобаста ба ин масъала узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашӯрбег Расулов баромад кардан мехоҳад.

**Ашӯрбег РАСУЛОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар як давраи муайян таваҷҷуҳи шаҳрвандон асосан ба касбҳои ҳуқуқшиносӣ, гумрук, андоз, иқтисод ва молия зоҳир карда шуда, теъдоди муассисаҳои таълимии олии касбӣ хело зиёд гашт ва таваҷҷуҳ ба касбҳои дорои равияҳои техникӣ, муҳандисӣ, истеҳсолӣ то солҳои охир аз мадди назар дур монда буданд ва дар натиҷа тайёр намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй коҳиш ёфт.

Бинобар ин, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат», ки аз ҷониби вакилон Шабозов Мирганд Шобозович, Ҷабборова Марҳабо Тӯхтасиновна ва Ҳакимов Мироҷиддин Дӯстмуродович, ки солҳои тӯлонӣ дар соҳаи маориф кору фаъолият карданд ва мутахассисони варзидаи ин соҳа мебошанд, таҳия гардидааст, саривақтӣ буда, қобили дастгирии ҳаматарафа аст. Махсусан муқаррароти боби дуюм, ки ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар раванди тайёр кардани мутахассисон дар низоми таҳсилоти касбиро дар бар мегирад, аҳамияти хоса дорад. Бинобар ин, яке аз омилҳои асосии мустаҳкам кардани базаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи дониши хонандагон, ин дар фазои рақобат тайёр кардани мутахассисон, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби маблағҳои ғайридавлатӣ ба соҳаи маориф мебошад.

Бо назардошти нукоти зикргардида, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда муҳокима шуда, яклухт ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» сухан ба вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Раҳимзода дода мешавад.

**Шариф РАҲИМЗОДА: -Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам вакилони мардумӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Чуноне ба шумо маълум аст, ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муҳими раванди дохилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қарор дорад ва дар ин марҳила аз қабул намудани як қатор қонун ва қарорҳои муҳим оид ба муҳайё кардани шароити зарурӣ барои рушди иқтисодиёт ва мутобиқ намудани онҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Ба баррасии шумо, мӯҳтарам вакилон, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодии мутобиқат» пешниҳод гардидааст.

Мақсад аз пешниҳод ва баррасии лоиҳаи қонуни мазкур ҷиҳати мутобиқ будан ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, бахусус Созишномаи кулл доир ба тарофа ва савдо (ГАТТ) ва Созишнома оид ба монеаҳои техникӣ дар тиҷорат (ТБТ) мебошад, ки зарурати ворид намудани тағйирот ба моддаҳои 20 ва 29-и қонуни мазкур ба миён омадааст.



Мутобиқи банди 3-юми моддаи 20 қонуни амалкунанда сертификатсиякунонии молу маҳсулот ва хизматрасониро фақат мақомоти давлатӣ анҷом дода метавонанд ва ин раванд ба принсипҳои фаъолият дар бозори озод мухолифат мекунад, яъне дар ин маврид мақомоти давлатӣ монополия эҷод карда, ба рушди рақобат монеа мешавад.

Тибқи лоиҳаҳои пешниҳодшудаи қонуни мазкур, дар қатори мақомоти давлатӣ бояд ба ташкилотҳои дигар низ ҳуқуқи сертификатсиякунонии молу маҳсулот ва хизматрасонӣ дода шуда, ҳамзамон фазои рақобатпазирӣ таъмин карда шавад. Мақомоти дахлдори давлатӣ иҷозатнома дода, қоидаҳои фаъолият дар ин самтро муайян менамоянд ва иҷрои онҳоро назорат мекунад.

Аз ин лиҳоз, бо дарки муҳим будани масъалаи мазкур, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида дастгирӣ ёбад.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Кенҷаева Мунавара Ҳоҷиевна дода мешавад.



**Мунавара КЕНҶАЕВА:- -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони мардумӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2012 таҳти №1343 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст.

Мақсади ворид намудани тағйиру илова ба қонуни мазкур тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур пешниҳод шудааст, ки ба қисми 3-юми моддаи 20 пас аз калимаи «аккредитатсияшуда» калимаҳои «ва ё ташкилоти дигари аккредитатсияшуда» илова шуда, аз қисми 1-уми моддаи 29 калимаҳои «танҳо баъд аз амалӣ намудани корҳои сертификатсионӣ ва» хориҷ карда шаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкурро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ намуданд.

14 июни соли 2012 дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул лоиҳаи қонуни зикргардида бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - «Дар хусуси Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои растаниҳо» сухан ба вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қосимов Қосим Раҳбарович дода мешавад.

**Қосим ҚОСИМОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар марҳилаи хеле муҳими дохилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо қарор дошта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёдеро ҷиҳати мутобиқ намудани қонунгузории кишвар ба қоидаву меъёрҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва инчунин тақвияти механизми истифодаи ҳуқуқ дар Тоҷикистонро ба анҷом расонидааст. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ пояи мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯ аст, ташкил шудааст.

Барои аъзо шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки қонунгузориро нисбати ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқӣ пурзӯр намояд.

Ин масъала дар доираи Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо оид ба моликияти зеҳнӣ зикр шудааст. Яке аз талаботи ин Созишнома (қисми 5, моддаи 27) таъмини ҳимояи навъҳои растанӣ аз ҷониби давлатҳои аъзои Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад. Бо ҳимояи навъҳои растанӣ ҳуқуқи зеҳнии селексионер барои навъи офаридааш бояд таъмин карда шавад.

Дар микёси дунё риояи ҳифзи навъҳои растаниро Конвенсияи байналмилалии ҳифзи навъҳои нави растанӣ (UPOV) ба танзим медарорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 барои аъзо шудан ба ин ташкилот дархост равон намуда буд, аммо бо сабаби ба муқаррароти ин Конвенсия мутобиқ набудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастовардҳои зироат» ба кишвари мо муяссар нагардид, ки узви ин ташкилот гардад.



Аз ин лиҳоз, бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шумо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ» аз 29 декабри соли 2010 таҳти №672 қабул гардид. Қабули қонуни мазкур имкон фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Конвенсияи байналмилалии ҳифзи навъҳои нави растанӣ гардад.

Аъзогӣ ба Конвенсияи байналмилалии ҳифзи навъҳои нави растанӣ имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бемамониат бо тамоми 67 давлатҳои аъзои ин Иттиҳод доир ба мубодилаи навъҳои растанӣ алоқаи зич пайдо намояд. Бояд зикр намуд, ки аз собиқ ҷумҳуриҳои назди Шӯравӣ, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои назди Балтика, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Гурҷистон аллакай аъзои Конвенсияи мазкур буда, Ҷумҳурии Қазоқистон номзад ба аъзогӣ мебошад.

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растанӣ» ҷиҳати иҷрои банди 3-юми Протоколи №1с/12.2/5 ҷаласаи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли ҷорӣ ва нақшаи чорабиниҳо оид ба тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои соли 2012 таҳия гардидааст.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Латипов Рустам Баротович дода



мешавад.

**Рустам ЛАТИПОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳо, ки 1 майи соли 1997 дар шаҳри Женева дар таҳрири нав қабул шудааст, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012 таҳти №1368 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Ҳама кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори мазкурро ҷонибдорӣ намудаанд. Дар ҷаласаи кумитаи масъул аз 18 июни соли 2012 ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур зарур ва пешниҳоди лоиҳаи дахлдор вобаста ба ин ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул дониста шуд.

Зарурати иштирок дар Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳо аз нақша - чорабиниҳо оид ба тақвият бахшидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) бармеояд.

Дар сатҳи байналмилалӣ оид ба масоили риояи таъмини ҳифзи навъҳои растанӣ, ҳамчунин ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи муаллиф Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи навъҳои нави растанӣ (УПОВ) мутасаддӣ мебошад. Муқаррароти мазкур инчунин яке аз талаботи Созишномаи СУС оид ба моликияти зеҳнӣ (қисми 5, моддаи 27) мебошад.

Узви УПОВ маънои давлати иштирокчии Санади солҳои 1961-1972, Санади соли 1978 ё ин иштирокчии Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳоро дорад.

Соҳиб гаштан ба ҳуқуқҳои муайяни истисноӣ ба навъҳои нави растаниҳо барои селексионерҳо имкониятҳои мусоидро ба монанди пӯшонидани хароҷот ва дар оянда ҷалб намудани маблағҳои иловагии сармоягузорӣ барои корҳои селексионӣ фароҳам меорад.

Бо аъзо гаштан ба УПОВ давлат азми қавии худро барои ҳифзи ҳуқуқҳои селексионерон дар асоси принсипҳои эътирофгашта ва ҷонибдоришудаи байналмилалӣ изҳор менамояд. Аъзогӣ ба селексионерҳо имконияти дар ҳудуди дигар давлатҳои аъзо ҳифз намудани ҳуқуқҳояшонро дода, селексионерҳои хориҷиро барои бештар сармоягузорӣ ва истеҳсол кардани тухмӣ ҳавасманд мегардонад.

Вазифаҳои Иттиҳод мусоидат ба ҳамкории байналмилалӣ, асосан байни давлатҳои аъзо буда, он ба ҳукуматҳои давлатҳои аъзо дар масъалаҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва техникӣ, ҳамчунин дар ҳифзи навъҳои нави растанӣ кӯмак мерасонад.

Ҳамроҳшавӣ ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз вакилони гиромӣ, хоҳишмандам ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи навъҳои нави растаниҳоро ҷонибдорӣ намоянд.

*Дар хусуси тасдиқи Конвенсияи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - «Дар хусуси Протокол оид ба ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори низомӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ» сухан ба муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадов Сӯҳроб Талбакович дода мешавад.

**Сӯҳроб МАҲМАДОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Протокол оид ба ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори низомӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ пешниҳод мегардад.



Протокол оид ба ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори низомӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ 20 декабри соли 2011 дар шаҳри Москва аз ҷониби сарони давлатҳо ба забони русӣ ба имзо расида, тибқи дастур аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Протоколи мазкур барои боло бурдани аҳамият ва обрую эътибори байналмилалии Созмон равона гардида, бо мақсади рушди минбаъдаи ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмӣ дар доираи ин Созмон таҳия ва ба имзо расонида шудааст.

Протокол аз муқаддима ва 6 модда иборат буда, дар муқаддимаи он мақсад ва мароми ба имзо расидани протокол равшан баён гардидааст.

Дар моддаи 1-уми протоколи мазкур дар бораи шартҳо ва тартиби дар қаламрави худ ҷойгир намудани гурӯҳи қӯшунҳо (қувваҳо) ва объектҳои инфрасохторӣ - ҳарбии давлатҳое, ки аъзои Созмон нестанд, пешбинӣ шудааст. Мутобиқи талаботи моддаи мазкур, минбаъд ҳеҷ яке аз кишварҳо-аъзои СААД наметавонанд мустақилона қарор оиди дар қаламрави худ ҷойгир намудани гурӯҳи қӯшунҳо (қувваҳо) ва объектҳои инфрасохтории ҳарбии давлатҳое, ки аъзои Созмон нестанд, қабул намоянд. Ин мафҳум яке аз рукнҳои асосии ҳамкории дастаҷамъона ба ҳисоб меравад.

Моддаҳои 2 ва 3-юми протоколи мазкур тартиби ҳалли баҳсҳо ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Протоколи мазкурро танзим менамоянд.

Дар моддаҳои 4 ва 5-уми протокол тартиби эътибор пайдо намудани Протоколи зикршуда ва мӯҳлати амали он муайян карда шудааст.

Моддаи 6-ум масъалаи ҳамроҳшавии дигар кишварҳо-аъзои Созмон ба протокол ва қобили эътибор гардидани протоколи мазкурро пешбинӣ менамояд.

Протокол оид ба ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори низомӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон мухолифат надорад.

Қабули қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эътибор пайдо намудани расмиёти дохилидавлатӣ зарурат дорад.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Азимов Амирқул Насимович дода мешавад.

**Амирқул АЗИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Протокол оид ба ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори низомӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъиро 20 декабри соли 2011 дар шаҳри Москва Сарони давлатҳои аъзои ин Созмон имзо намудаанд ва он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Протоколи зикршуда бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ва инкишофи минбаъдаи ҳамкорӣ дар доираи ин Созмон таҳия ва ба имзо расонида шудааст.

Мазмуни асосии протоколи мазкур ин масъалаи дар қаламрави худ ҷойгир намудани гурӯҳи қӯшунҳо (қувваҳо), объектҳои инфрасохтори ҳарбии давлатҳое, ки аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ нестанд, мебошад. Барои ҳалли ин масъала дар мавриди зарурӣ Сарони давлатҳо машварат мегузаронанд ва дар сурати набудани мухолифат қарор қабул мекунанд.

Протокол аз муқаддима ва 6 модда иборат буда, дар он мақсад ва тартиби амали протоколи мазкур баён шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

18 июни соли 2012 кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд, чунки он ба ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз вакилони мӯҳтарам хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи протоколи мазкур овоз диҳед.

*Дар хусуси тасдиқи протоколи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи охирини рӯзнома «Дар бораи ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ҳ.Ҳ. «Оид ба рафти иҷрои сметаи хароҷоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2012» мебошад.

Доир ба ин масъала ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Расулов Ҳамрохон Ҳасанович шунида шуд. *Вобаста ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

---

## ● Вакилони халқ 1938-2010



## ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**ГАВРИЛИН Иван Петрович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Фрунзе №56, шаҳри Қӯрғонтеппа***

Соли 1911 дар вилояти Смоленск таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли 1944 то соли 1961 мудири шӯъбаи дастгоҳи КМ ҲК Тоҷикистон кор кард. Аз соли 1961 раиси Комиссияи ҳизбии назди КМ ҲК Тоҷикистон буд.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ду «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ОРЗУҚУЛОВ Ғулом**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Калининобод №57, шаҳри Қӯрғонтеппа***

Соли 1916 дар деҳаи Тарғоки ноҳияи Ғарм таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1932 сар кардааст. Солҳои 1933-1943 дар ноҳияҳои Избаскент ва Чинободи ҶШС Ӯзбекистон колхозчӣ, соли 1943 дар сохтмони Неругоҳи Фарҳод, соли 1951 сардори бригадаи бетончиёни НОБ-и Қайроққум, «Дӯстии халқҳо» ва соли 1960 сардори бригадаи бетончиёни Неругоҳи обии барқии «Сарбанд» буд.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ. Бо ордени Ленин, чор Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Ӯзбекистон ва Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**РАҲМАТОВ Раҳимой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Инқилоб №58, шаҳри Ленинобод***

Соли 1906 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1920 сар кардааст. Солҳои 1924-1941 дар хоҷагии об, «Госстрой», дар Комбинати шоҳибофии шаҳри Ленинобод дуредгар шуда кор мекард. Аз соли 1945 дуредгар, сардори бригадаи дуредгарони Заводи пахтатозакунии Ленинобод буд.

Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ.



**ТЕМУРОВА Она**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Калинин №59, шаҳри Ленинобод***

Соли 1921 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Аз соли 1954 дар сехи Фабрикаи пойафзолдӯзии №2, шаҳри Ленинобод кор мекард.



**ПАНКОВА Анна Семёновна**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Киров №60, шаҳри Ленинобод***

Соли 1919 дар деҳаи Сарали ноҳияи Лаишеви ҶМШС Тотористон таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1938 сар кардааст. Раиси шӯъбаи матлуботи ноҳияи Лаишев, аз соли 1945 то соли 1947 коргари Заводи шаҳри Зеленодолскийи Ҷумҳурии Мухтори Тотористон ва аз соли 1950 коргари сехи гулпартоии Фабрикаи рангубору пардоздиҳии комбинати бофандагии Ленинобод буд.



**ХОҶАЕВ Санъат**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Крупская №61, шаҳри Ленинобод***

Соли 1935 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1957, баъди хатми Институти бофандагӣ ҳамчун устои сменаи сехи бофандагии Комбинати шоҳибофии Ленинобод сар кардааст. Аз соли 1960 то соли 1961 сардори ин сех буд. Соли 1961 котиби комсомолии шаҳри Ленинобод интихоб гардид.

Бо Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ҶАЛИЛ Раҳим**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленинобод №62, шаҳри Ленинобод***

Соли 1909 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1927 сар кардааст. Ҷонишини муҳаррир ва муҳаррири рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд», котиби адабии рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони Советӣ», мудири шӯъбаи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод», котиби масъули шӯъбаи ленинободии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви Кумитаи ҷумҳуриявии муҳофизати сулҳ буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва се медал мукофотонида шудааст.



**МАҲКАМОВ Қаҳҳор**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Роза Люксембург №63, шаҳри Ленинобод***

Соли 1932 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Пас аз хатми Институти кӯҳии Ленинград сардори шахтаи №1/5 шуда кор мекард. Аз соли 1957 ба раёсати кони «Тоҷикугол» роҳбарӣ мекард. Соли 1961 раиси Комиҷроияи шаҳри Ленинобод интихоб шуд.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**НИКИТИН Василий Афанасевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Октябр №64, шаҳри Ленинобод***

Соли 1931 дар вилояти Белгород таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Солҳои 1955-1958 котиби дуюми Кумитаи комсомолии вилояти Ленинобод, аз соли 1958 то соли 1961 котиби дуюми КМ ЛКСМ Тоҷикистон шуда кор кард.

Аз соли 1961 дар дастгоҳи КМ ҲК Тоҷикистон кор мекард. Мудири шӯъбаи Бюрои КМ ҲК Тоҷикистон оид ба роҳбарии саноат ва сохтмон буд.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Хонам таронаи дил ман бо навои Ваҳдат,
# Хоҳам баланд гардад ҳар ҷо садои Ваҳдат.

## (Аз силсилаи «Шерозаи Ваҳдат»)



«Истиқрори сулҳ ва таъмини Ваҳдати миллӣ, бемуболиға, яке аз бузургтарин дастовардҳои мо дар охири садаи XX мебошад, ки ин аз сиришти сулҳпарварона ва ақлу заковати халқи тоҷик шаҳодат медиҳад. Рисолати сулҳпарварии миллати тоҷик дар пурихтилофтарин давраҳои таърих ва бархӯрди тамаддунҳои гуногун низ ҳамеша ба суботу оромии кишвар равона гардида буд».

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**




*Лоиқ ШЕРАЛӢ*

### АҲДИ МАРДОНА

*Имоми ду тарафро мекунам табрик,*
*Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!*

*Тазод ин ҷо, тазоди вақт ҳам ин ҷост,*
*Кӣ бо тоҷик тоҷик мешавад наздик.*

*Имоми ду тарафро мефишорам даст,*
*Ки пай бурданд бар ин нуқтаи борик.*

*Ки андар оштӣ оши ҳалоли халқ,*
*Ки андар оштӣ дарҷ аст рӯзи нек.*

*Чу донистанд, к-андар паҳнаи гетӣ,*
*Кӣ будасту кӣ дод ин ҷангро таҳрик.*

*Бародарвор роҳи нурро ҷустанд,*
*Ки фардоро раҳонанд аз шаби торик.*

*Кунун огози сулҳ асту рафоҳи халқ,*
*Бувадояндаи пурнурамон наздик!*

*Ба ин азми қавию аҳди мардона,*
*Имоми ду тарафро мекунам табрик.*

*Имоми ду тарафро мекунам табрик,*
*Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик!*

*Бобо ҲОҶӢ*

### ШУКРИ ЗИНДАГОНӢ

*Баъди Айнӣ дар Бухоро зуфунун пайдо нашуд,*
*Ё агар пайдо бишуд он, дар забони мо нашуд.*

*Дар Душанбе шамъи илму маърифат шуд ҷилвагар,*
*Офтоби бахти мо аз нав бишуд тобон ба сар.*

*Аз ҷибол оварда берун маъдану ганҷинаҳо,*
*Соҳиби обу гилу давлат шуданд одинаҳо.*

*Ҳар ваҷаб хоки варо чун дида бонӣ мекунем,*
*Шукри озодию шукри зиндагонӣ мекунем.*

*Боғу роғи орзуҳо дар шукуфонӣ шуданд,*
*Тоҷикон сарҷамъ дар атрофи Раҳмонӣ шуданд.*

*Ҷилвагар бошад ҳамеша байрақи мо бехалал,*
*Дар равоқи коххои созмонҳои милал.*

*Ҷомаи миллӣ ба худ дӯзем дархурди миҷоз,*
*Бар либосу гози бегона надорем эҳтиёҷ.*

*Санъати аҷдодро боло чу парчам мекунем,*
*Наварӯси мулки худро рашки олам мекунем.*

*Қисмати мо баъд аз ин дар панҷаю дастони мост,*
*Хидмати Модар-Ватан кардан зи ҷон паймони мост.*

*Амиршои ХАТЛОНӢ*

### ҒАЗАЛИ ВАҲДАТ

*Дуруду ҳамд бар меъмори Ваҳдат,*
*Сано бар ворису ғамхори Ваҳдат.*
*Зи хишти меҳру аз обу гили мо,*
*Ба гардун мерасад девори Ваҳдат.*
*Чу нозиму чу носиру чу олим,*
*Навишта сатри нотакрори Ваҳдат.*
*Ба ҳар мулк анҷуман огоз карда,*
*Бувад дар маҳфилаш гуфтори Ваҳдат.*
*Зи мағзи ҷон чу носеҳе сухан гуфт,*
*Ба лаб шукронаи бисёри Ваҳдат.*
*Чу як сармоядори сулҳи олам,*
*Маҷҷонӣ карда во бозори Ваҳдат.*
*Ба ҷӯи дил равон аст оби меҳраш,*
*Шукуфта хор дар гулзори Ваҳдат.*
*Ба мислаш ошиқи сулҳи замон ку?*
*Нахустин дар ҷаҳон шуд ёри Ваҳдат.*
*Ба даргоҳи умеди сулҳи дунё,*
*Ҳама болидаву хуммори Ваҳдат.*
*Талаб дорам, Худовандо ҳамеша,*
*Набинад пойи кин дарбори Ваҳдат.*
*Зи Хатлонӣ бипурсӣ қадри меҳан,*
*Кунад шукронаи меъмори Ваҳдат.*

*Рудобаи МУКАРРАМ*

### ПАЙКИ ВАҲДАТ

*Бадахшон ҳамчу лаъли синаи худ нурборон аст,*
*Ба субҳи поки Ваҳдат мисли хуршеди дурахшон аст.*
*Дар ин кӯҳсори сарсабзу дар ин ҷавлонгаҳи сангин,*
*Дар ин сарманзили мақсуду ин афрӯзаи рангин,*
*Ҳумои бахту толеи накӯи мо парафшон аст.*

*Хушо, бахти худододе, ки моро шоҳ меҳмон аст,*
*Бадахшон чун биҳишт асту дар он файзи бузургон аст.*
*Фазои синаҳо равшан бишуд аз гармии Хуршед,*
*Намояд ҳамчу дур аз мақдами ӯ хоки ин кишвар,*
*Дар ин тахти бақои Ваҳдати мо Оли Сомон аст.*

*Ҷабини ӯ пур аз нуру зиёву фарри Яздон аст,*
*Ниҳолаш покии рӯди зулоли кӯҳсорон аст.*
*Ба азми неки шоҳона, ба гуфтори ҳакимона,*
*Ба рафтори салимона, ба пиндори ҳалимона,*
*Сикандарҳашмату Дородилу Ҷамшеди даврон аст.*

*Барои нусрати Ваҳдат бубахшида тавонашро,*
*Гарав монда барои халқи худ ҷони ҷавонашро.*
*Ҳазорон рафта аз ҳамро ба ҳам ӯ бо низом овард.*
*Ҳазорон дилфигорирро ба ҳукми як маром овард,*
*Зи нав эҳё намуда расми поки тоҷиконашро.*

*Ба субҳи тираи Меҳан, чу ӯ нуру зиё бахшид,*
*Зи дуди ҷанги оламсӯз инсонро раҳо бахшид.*
*Сафои дастаҳояш субҳи милоди навозишҳо,*
*Ятимонро ба ҳарфи нарми худ бахшад таровишҳо.*
*Барои миллати созанда умри бобақо бахшид.*



*Диловари МИРЗО*

### ТАБРИК

*Озодакишвари ман ҳусни тамом табрик,*
*Таҷлили «Рӯзи Ваҳдат» бар хосу ом табрик.*

*«Ояд садои Сомон аз мовароӣ таърих»*
*Мероси ман ҳалолат, рабту низом табрик.*

*Ҳастӣ ту ифтихорам, халқи бузургворам,*
*Дар олами тамаддун ин эҳтиром табрик.*

*Бикшода лаб ба таҳсин халқи тамоми олам,*
*Дар хайли некномон, моро мақом табрик.*

*Рушду нумӯи давлат, нашъунамои миллат,*
*Покизатинатонро ҳар субҳу шом табрик.*

*Аз Каъба омад овоз бар хона хонамат боз,*
*Фарзанди халқи моро қадри тамом табрик.*

*Бин ҷумлаи малоик хоҳанд хайри моро,*
*Аз ғайб омад ово, неку паём табрик.*

*Дар сарзамини тоҷик ҳар рӯз тӯю сур аст,*
*То ҳаст дори дунё базми давом табрик.*

*Хумхонаҳои тавҳид бикшода дар ба рӯям,*
*Мирзои хушнаворо маъшуқу ҷом табрик.*



*Алӣ БОБОҶОН*

*Хушо, омад баҳори сулҳу Ваҳдат,*
*Шукуфт аз нав диёри сулҳу Ваҳдат.*
*Ба эъҷози латофат мебарад дил,*
*Гули нақшу нигори сулҳу Ваҳдат.*

*Гурез САФАР*

*Чист Ваҳдат? Эътибори миллат аст,*
*Зӯри бозуи замон дар Ваҳдат аст.*
*Ваҳдат аст – ин қудрати ҳар давлате,*
*Ваҳдат – ин сармояи ҳар давлат аст.*

*Мирзо ФАЙЗАЛӢ*

### БАР ҲАМА ТАБРИК ИН РӮЗИ САИД

*Боз ҷашни сулҳу Ваҳдат омада,*
*Иди истиқрори миллат омада,*
*Қалбҳо шодону лабрези фараҳ,*
*Рӯзи пурфайзу саодат омада.*

*Бар ҳама табрик ин рӯзи саид,*
*Рӯзи сулҳу бахту иқболу умед!*

*Ҳар ду ҷониб номаи Ваҳдат навишт,*
*Дар сиришти ҳамдигар ваҳдат сиришт,*
*Бо талоши ақлҳову фазлҳо*
*Сулҳи миллат сабт шуд дар сарнавишт.*

*Бар ҳама табрик ин рӯзи саид,*
*Рӯзи сулҳу бахту иқболу умед!*

*Парчами сулҳу амонӣ шуд баланд,*
*Бо нидои «Муждагонӣ!» шуд баланд.*
*Фитрати аслии насли ориён*
*Тоҷиконро кард аз нав арҷманд.*

*Бар ҳама табрик ин рӯзи саид,*
*Рӯзи сулҳу бахту иқболу умед!*

*Муҳаммад ҒОЙИБ*

### ВАҲДАТ

*Ҷашм бар дур назар кард, хабардор шудем,*
*Заҳрро ақл шакар кард, шакардор шудем.*
*Панд бар фанд асар кард, асардор шудем,*
*Меҳр бар кина зафар кард, сипардор шудем.*

*Нешро аз хотири ҳастии миллат нӯш кардем,*
*Оташи ҷанги ватансӯзандаро хомӯш кардем.*

*Хунҷигар шуд баду ин қавм бадомӯз нашуд,*
*Ҷо даруни қафаси дуд худафрӯз нашуд.*
*Соҳиби нури хирад буд, сияҳрӯз нашуд,*
*Сабзтар гашт, сияҳрӯ чу заминсӯз нашуд.*

*Ин нишони аз гуноҳи ҳам гузаштан буд,*
*Ин баҳори ваҳдати сарсабз гаштан буд.*

*Қиссаи ваҳдати моро ба ҳама ҷо донанд,*
*Сухан аз сулҳ равад, Сарвари моро хонанд.*
*Ҳар куҷо Пайкараи Ваҳдат агар бигзоранд,*
*Ном бояд, ки ба он тоҷбасарҳо монанд...*

*Мо ба Ваҳдат дар ҷаҳон машҳур гаштем,*
*Чун нишони ориён машҳур гаштем.*

*Сайфиддин АКРАМЗОДА*

### МАРО КИШВАР БИШУД АЗ ВАҲДАТ ОБОД

*Муфид аст бар ҳама овойи Ваҳдат,*
*Ба қалби халқҳо бод ҷойи Ваҳдат.*
*Надидам аз заруратҳои инсон,*
*Ягон чизи дигар ҳамтойи Ваҳдат.*
*Ҳама ширинии олам нагардад,*
*Баробар бо шириниҳойи Ваҳдат.*
*Ба Ваҳдат дӯстӣ хешу табор аст,*
*Бувад ин рукни побарҷойи Ваҳдат.*
*Ҳама пайғамбарон гуфтанду гӯянд:*
*«Бинӯшед шарбати волойи Ваҳдат».*
*Худо ҳаргиз зи мо розӣ набошад,*
*Набошем гар ҳама ҷӯёйи Ваҳдат.*
*Гуворотар наёфтам ҳеҷ дунё,*
*Азизон, ҳамчунон дунёйи Ваҳдат.*
*Ба гӯшам мерасад бисёр форам*
*Садойи карнайу сурнойи Ваҳдат.*
*Чӣ хуш, гардидааст ин мулки тоҷик,*
*Макону дилкашу маъвойи Ваҳдат.*
*Зи ҳар гуфтори ёрон бар машомам,*
*Биёяд бӯйи рӯҳафзойи Ваҳдат.*
*Саросар ин ҷаҳон гардад харобот,*
*Насозем гар ҳама парвойи Ваҳдат.*
*Бузургон ҳар яке ҳар ҷой бинӣ,*
*Бибошад дар дилаш даъвойи Ваҳдат.*
*Тамоми фикри оқилҳои олам,*
*Биёяд оқибат болойи Ваҳдат,*
*Ба ҳар пайғамбаре овард имон,*
*Муҳаммад баҳри қудратҳойи Ваҳдат.*
*Муҳаммад дид чун Ваҳдат зарур аст,*
*Ниҳод рӯ бар заруратҳойи Ваҳдат.*
*Ба гап осон бувад ваҳдатсароӣ,*
*Вале мушкил бувад фаҳмойи Ваҳдат.*
*Ҳамеша килки ман дар зиндагонӣ,*
*Ҳамебошад фақат гӯёйи Ваҳдат.*
*Зи боғи сулҳу дӯстиҳойи олам,*
*Бичинем мо гули раънойи Ваҳдат.*
*Чӣ хуш Эмомалӣ имрӯз бошад,*
*Даҳоою сарвари волойи Ваҳдат.*
*Маро кишвар бишуд аз Ваҳдат обод,*
*Бибошад Сайфиддин пӯёйи Ваҳдат.*

# ХОМАИ СУЛҲ

***Қалам – хома қудрати мӯъҷизаофарӣ дорад. Инсонҳо бо қалам ба ҳам мукотиба намуда, розҳои дилашонро боз мекунанд, номаҳои пурсӯзи ошиқона менависанд, беҳтарин шеъру газал низ тавассути хома эҷод шудааст.***

***Маҳз қалам буд, ки барои огози Ҷанги Бузурги Ватанӣ имзо гузошт. Ва боз қалам сабабгор гардид, ки душманони фашизм ба ҳуҷҷати таслими бечунучаро ба Армияи пурқудрати Советӣ ба воситаи он имзо гузоранд.***

***Хуллас, тамоми созишномаву шартномаҳои байнидавлатӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ низ тавассути қалам қувваи ҳуқуқӣ мегиранд.***

***Ҳатто домоду арӯс низ бо қалам ба санади ақди никоҳ имзо намуда, меҳру муҳаббат ва вафодорияшонро баён мекунанд. Шояд аз ин сабаб бошад, ки шоире фармуда:***

***Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,***
***Қаламкашро ба мақсад мерасонам.***

***Дар асл ҳам агар қаламкаш хоҳ шоир бошаду хоҳ ходими давлатӣ ё сиёсӣ бошаду ниятҳои нек дар дил парварад, қалам ӯро ба ҳадафҳои некаш мерасонад. Инро таърих борҳо исбот намудааст.***

***Хома – қаламе, ки ин навбат манзури мост, «Хомаи сулҳ» ном дорад ва тавассути имзо бо он ба хонадони тоҷикон сулҳи деринтизор омад. Сулҳе, ки мардум чун оби мусаффои чашмасорон ташнааш буданд.***



Бори нахуст аз хусуси «Қалами сулҳи тоҷикон» аз хабари АМИТ «Ховар» иттилоъ гирифтем. Ин соли 2006 буд ва ин хома – қалами таърихиро ба Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод директори АМИТ «Ховар» Зафар Саидов тақдим карда буд.

Инак, аз он айём панҷ сол сипарӣ гардид, акнун дафъаи шашум аст, ки рӯзи Ваҳдати миллиро ботантана ва шодмониҳои зиёде ҷашн мегирем. Вале касе дар ин муддат боре ҳам ин қалами таърихиро ёдовар нашуд.

Чун мо дар арафаи ҷашни 15-солагии Ваҳдати миллӣ қарор дорем, аз хусуси таърихи «Хомаи сулҳ» ё «Қалами сулҳи тоҷикон» ба мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Саидов занг задем.

- Хеле хуб аст, ки ба ин қалами таърихӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардед. Ҳар он чизе ки ба таърихи қалам вобаста аст, ман дар мактубам навишта, барои фонди осорхона фиристонидам. Метавонед аз он ҳуҷҷатҳо истифода баред, - гуфт Зафар Шералиевич ва илова кард, - агар боз ягон маълумоте зарур шавад, бемалол занг занед...

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон моро директор Абдувалӣ Шарифов хеле хуш пазиройӣ намуда, изҳор дошт, ки алҳол тамоми кормандон серкоранд, зеро барои ба бинои нави замонавӣ кӯчидан омодагӣ мебинанд. Директори осорхона, сарфи назар аз серкориаш, супориш доданд, ки «Хомаи сулҳ»-ро ба мо нишон диҳанд.

Сармуҳофизи осорхона апаи Роҳат қуттиеро наздамон гузошт, ки чанд ҳуҷҷат ва қаламдоне дошт. Ба ҳуҷҷатҳо менигарам. Мактуби расмии директори АМИТ «Ховар» Зафар Саидов ба мазмуни зайл:

***Ба Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод***

***Дӯстони азиз!***

***Барои фонди экспонати Осорхонаи дӯстдоштаам «Қалами сулҳи тоҷикон»-ро тақдим менамоям.***

***Бо ин қалам 11 декабри соли 1996 дар маҳаллаи Хусдеҳи вилояти Тахори давлати Афғонистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов, роҳбари онвақтаи Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдулло Нурӣ ва намояндаи хоси Сардабири Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳалли қазияи Тоҷикистон Герд Дитрих Меррем санадро дар бораи таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ ба мувофиқа расонда, зери Протокол дар бораи эълон намудани оташбаси пурра ва ба эътидол овардани вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақаҳои муқовимат имзо гузоштанд.***

***Ман он вақт сухангӯйи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон будам ва дар маросими имзои санадҳои номбурда нақши корманди ташрифот (протоколи давлатӣ)-ро ба ӯҳда доштам. Қаламе, ки таърихӣ шуд, аз ҷумлаи қаламҳои шахсии кории ман буд.***

***Муносиби маврид лозим ба зикр аст, ки баъд аз мулоқоти тоҷикон дар Хусдеҳ дар раванди музокироти тоҷикон гардиши куллии аломаташ мусбӣ ба вуҷуд омад.***

***Бо эҳтироми комил, Зафар Саидов,***
***18 июли соли 2006.***



Директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон Абдувалӣ Шарифов «Китоби воридотӣ»-и рақами №11-и осорхонаро наздамон гузошт ва сабти «Хомаи сулҳ»-ро нишон дод. Тибқи маълумоти «Китоби воридотӣ»-и осорхона, «Хомаи сулҳ» таҳти рақами давлатии КВ – 12792 ба қайд гирифта шудааст.

Абдувалӣ Шарифов, ки худ таърихшиноси шинохта ва ҷӯянда аст, дар бораи «Хомаи сулҳ» бо ҳавас ва ҳарорати гарм ҳарф мезад.

Намуди умумии хома сабзранг буда, бо нишонҳои зардча оро дода шудааст. Дар сӯзанаки он «БIVE MONO» ва дар қисми поёнии сараки хома «05 KOREA» ва «Writek Pomp с 13284» навишта шудааст. Хома дар ҳолати хуб қарор дорад.

Дар рангдони он (стержени) он «Roller Pen R cfill – «Swiss Tip» навишта шудааст. Навиштаҷот бо ранги сафед сабт гардидааст. Дарозии рангдон 11, 1 см аст.

Дарозии хома бо саракаш 14 см буда, ҳолати умумии он хуб аст ва он бо номи «Хомаи сулҳ» машҳур аст. Ҳамчун экспонат ба шӯъбаи нав ва навтарини Осорхонаи миллии Тоҷикистон дохил гардидааст. Баъди чанд муддат «Хомаи сулҳ» низ дар баробари дигар экспонатҳо ба бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон мекӯчад, ба бинои зебои замонавӣ, ки маҳз бо шарофати Ваҳдати миллии Тоҷикистон ва Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бунёд гардидааст.

*Саҳифаи ҷаштиро рӯзноманигор Тиллои НЕКҚАДАМ омода намудааст.*

*Суратгир А. ИСОЕВ.*

# Қоидаҳои

## қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2012-2013

**I. Муқаррароти умумӣ**

Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2011-2012» таҳия гардидааст.

**II. Тартиби қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

1.Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабули донишҷӯёнро дар соли 2012 аз рӯйи ихтисосҳои мувофиқ дар шӯъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи гурӯҳҳои буҷавӣ ва шартномавӣ эълон менамояд.

2.Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбиро хатм намудаанд, метавонанд дар донишгоҳ таҳсилро идома диҳанд. Ҳамчунин шахсони дорои маълумоти олӣ барои дарёфти таҳсилоти дуюми олӣ дар асоси қоидаҳои амалкунандаи қабул мутобиқи шартнома ба ихтисосҳои муайяннамудаи донишгоҳ пазируфта мешаванд.



3.Ба донишгоҳ шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ (ба истиснои тоҷикони бурунмарзии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ) дар асоси «Қоидаҳои қабули шаҳрвандони хориҷӣ ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси шартҳои зерин қабул карда мешаванд:

- мутобиқи созишномаи дутарафаи байнидавлатӣ;
- дар ҳудуди ҷойҳои муқарраршудаи қабул бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мувофиқи шартномаи тарафайн бо донишгоҳ барои ҳар як ҷой дар ҳудуди миқдори муайяншудаи иҷозатнома (литсензия) бо пардохти ҳаққи таҳсил тибқи қоидаҳои қабул.

4.Тоҷикони ақаллиятҳои миллии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар сурате, ки ба қатори шаҳрвандони ватанӣ имтиҳони қабулро супорида, ба холҳои гузариш муваффақ мешаванд, маблағи таҳсилро ҳамчун шаҳрвандони ҷумҳурӣ пардохт менамоянд.

5.Ҳамаи довталабон, сарфи назар аз аслу насаб, ҷинсият, забон, мансубияти нажодиву миллӣ, баромади иҷтимоиву хусусияти касбу кор, эътиқод, мазҳабу муносибат ба дин ва мансубияти ҳизбӣ зимни гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи баробар доранд.

6.Таҳсил дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сурат гирифта, мӯҳлати он барои дарёфти дараҷаҳои бакалавриат 4 сол, барои мутахассис 5 сол ва барои магистратура 2 сол (магистратураи ғоибона 3 сол) муқаррар шудааст.

7. Ба шӯъбаи рӯзона шаҳрвандони синни то 35-сола қабул карда мешаванд. Қабули довталабон ба шӯъбаи ғоибона бе маҳдудияти синну сол сурат мегирад.

8.Довталабон ба гурӯҳҳои буҷавӣ ва шартномавӣ дар ҳаҷми нақшаи қабул ба тариқи озмун, инчунин ба тариқи имтиёз қабул карда мешаванд. Довталабон зимни қабул ба донишгоҳ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба номи ректори донишгоҳ;
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти умумӣ (пурра), ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ (намунаи давлатӣ – нусхаи асл);
- маълумотномаи тиббӣ (шакли №086-У);
- 6 адад расм (андозаи 3х4 см);
- шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд;
- билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;
- нусха аз дафтарчаи меҳнатӣ, агар довталаб собиқаи корӣ дошта бошад;
- маълумотнома (справка) дар бораи хатми мактаби таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ қабул карда намешавад;
-қарори Шӯрои омӯзгории мактаб, тавсияи шӯъбаи маорифи ноҳия ва роҳхати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия (барои духтарон ва писароне, ки тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ДМТ тавсия карда мешаванд);
-қарори Шӯрои ноҳиявии меҳнатӣ ва роҳхати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия (барои духтарон ва писароне, ки бевосита дар истеҳсолот кор мекунанд).

Дар ҳуҷҷати хатми таҳсилотии довталабоне, ки мактаб ва литсейҳои хусусиро хатм намудаанд, ба ғайр аз мӯҳри муассисаи таълимӣ, инчунин мӯҳри шӯъбаи маорифи шаҳру ноҳия низ ҳатмист.

9.Довталабон танҳо дар яке аз ихтисосҳои факултети интихобнамудаашон ҳуқуқи супоридани ҳуҷҷат ва имтиҳонҳоро доранд.

10.Мӯҳлати ҳуҷҷатсупории довталабон ба гурӯҳҳои буҷавӣ аз 20-уми июн оғоз ёфта, то 31-уми июли соли 2012 идома меёбад. Қабули ҳуҷҷатҳо барои гурӯҳҳои шартномавӣ (шакли таҳсили рӯзона, ғоибона ва таҳсилоти дуюм) аз 20-уми июн то 10-уми августи соли 2012 муқаррар карда шудааст.

Қабули ҳуҷҷатҳо дар шӯъбаи магистратура вобаста ба талаботи «Низомномаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (масъул: раёсати таълим) то 20 августи соли 2012 ба роҳ монда мешавад.

11.Довталабон ҳангоми супоридани ҳуҷҷатҳо ва иштирок дар имтиҳонҳои қабул бояд талаботи «Дастурамали либосҳои тавсиявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро риоя намоянд. Ҳамчунин овардан ва истифодабарии телефонҳои мобилӣ дар рӯзи супоридани имтиҳонҳо қатъиян манъ аст.

12.Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забони русӣ хатм намудаанд ва ба гурӯҳҳои русии ихтисосҳои донишгоҳ ҳуҷҷат супоридаанд, аз забон ва адабиёти рус иншо менависанд.

Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забони ақаллиятҳои миллӣ хатм намудаанд ва ба ихтисосҳои (гурӯҳҳои) русӣ ҳуҷҷат супоридаанд, мувофиқи хоҳиши онҳо аз забони русӣ ва ё забони давлатӣ диктант менависанд.

13.Дар сурати аз як қисми (блоки) имтиҳони тестӣ хол нагирифтан баҳои умумии имтиҳони тестӣ «ғайриқаноатбахш» ҳисобида шуда, довталаб ҳуқуқи минбаъд дар озмун иштирок карданро аз даст медиҳад.

14.Натиҷаи санҷиши иншо баъди 48 соат (дар ихтисосҳое, ки теъдоди довталабон дар як ҷой аз се нафар зиёд аст, натиҷаи санҷиши иншо- баъди 60 соат)-и навиштани иншо ва натиҷаи санҷиши тестӣ на дертар аз 24 соати супоридани имтиҳон эълон карда мешавад.

15.Саволҳои имтиҳонҳои тестӣ дар асоси барномаҳои таълимии дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалкунанда дар се қисм (нигаред ба ҷадвали имтиҳоноти тестӣ) мураттаб карда шудаанд.

16.Комиссияи қабули донишгоҳ доир ба ҳар як қисми имтиҳони тестӣ миқдори холҳои зарурӣро муайян карда, зимни арзёбии ниҳоӣ натиҷаи ҳар як қисмро ба назар мегирад. Дар ҳолати баробарии холҳои якчанд довталаб афзалият ба довталабе дода мешавад, ки аз қисми якум (тахассусӣ) холи бештар гирифта бошад. Ба ҳар як савол 5 варианти ҷавобҳо пешниҳод мешавад, ки яке аз онҳо дуруст аст. Довталаб баъд аз гирифтани варақаҳои тестӣ ва саволҳои имтиҳонӣ, ҳар як саволро меомӯзад ва аз байни 5 варианти пешниҳодшуда дурусташро пайдо карда, дар варақаи тестӣ доираи ба ин вариант махсубро сиёҳ мекунад.

Дар варақаи тестӣ бояд ягон аломати зиёдатӣ гузошта нашавад. Дар сурати мавҷуд будани аломати зиёдатӣ, ишора ва ё танҳо як нуқта (•) варақаи тестӣ беэътибор дониста шуда, довталаб аз иштирок дар озмун маҳрум мегардад.

17. Барои навиштани иншо чор соат (240 дақиқа) ҷудо карда мешавад. Мӯҳлати имтиҳони тестӣ барои ихтисосҳои факултетҳои фалсафа, таърих, ҳуқуқшиносӣ, филология, забон ва адабиёти рус, журналистика, шарқшиносӣ се соат (180 дақиқа), барои ихтисосҳои дигар факултетҳо чор соат (240 дақиқа) муқаррар шудааст. Вақти шарҳу эзоҳи тартибу низоми гузаронидани имтиҳони тестӣ ба вақти ҷудошуда дохил намешавад.

18. Аз рӯйи натиҷаҳои имтиҳони дохилшавӣ довталаб ҳуқуқ дорад, ки апеллятсияи хаттӣ диҳад ва дар вақти баррасии апеллятсия шахсан иштирок намояд. Довталабе, ки барои аз нав дида баромадани баҳои имтиҳон ариза навиштааст, бояд бо худ шиноснома дошта бошад. Довталаби ноболиғро (то 18-сола) метавонанд падар ё модараш ҳамроҳӣ намоянд. Баррасии аризаи апеллятсионӣ кӯшиши аз нав супоридани имтиҳон набуда, балки танҳо санҷиши дурустии баҳои имтиҳони дохилшавӣ мебошад.

Комиссияи апеллятсионӣ аризаи довталабонро пас аз эълони натиҷаи имтиҳон дар давоми то ду рӯз қабул ва баррасӣ менамояд.

19.Довталабоне, ки бе сабаб дар соати муқарраршуда барои супоридани имтиҳон ҳозир нашудаанд, ба имтиҳон роҳ дода намешаванд. Довталабоне, ки бесабаб ба имтиҳони қабул ҳозир нашудаанд ва ё дар қисмҳои имтиҳони тестӣ холи ҳадди ақали муайяншударо нагирифтаанд, ҳамчун довталабоне, ки баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифтаанд, ҳисобида мешаванд.

20. Хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба шӯъбаҳои ғоибона (ба истиснои ихтисосҳои омӯзгорӣ), сарфи назар аз собиқаи корӣ ва ихтисос, қабул карда мешаванд. Дар гурӯҳҳои буҷавии шӯъбаи ғоибонаи ихтисосҳои омӯзгорӣ танҳо довталабоне қабул карда мешаванд, ки дар мактаб кор мекунанд ва дар ин хусус ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (роҳхат аз шӯъбаи маорифи шаҳру ноҳия, гувоҳномаю тавсифнома аз мактаб ва нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ аз ҷойи кор) пешниҳод менамоянд.

21. Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали тилло хатм намудаанд, ба донишгоҳ ба тариқи сӯҳбат (бе имтиҳон) қабул карда мешаванд.

22.Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо медали нуқра ва биринҷӣ хатм намудаанд, ба донишгоҳ (ба истиснои ихтисосҳои ҳуқуқшиносии умумӣ, муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ), молия ва қарз, иқтисодиёти ҷаҳон, баҳисобгирии иқтисодӣ, таҳлил ва аудит, технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт), фаъолияти бонкӣ, менеҷмент, иқтисод ва идоракунӣ дар корхонаҳо ва забони арабӣ) ба тариқи сӯҳбат (бе имтиҳон) қабул карда мешаванд.

23.Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро аз рӯйи равияҳои табиию риёзӣ ва гуманитарӣ-ҷамъиятӣ бо медали нуқраю биринҷӣ хатм кардаанд, танҳо дар ин равияҳо ба донишгоҳ тариқи сӯҳбат (бе имтиҳон) қабул карда мешаванд.

Дар сурати натиҷаи манфии сӯҳбат довталабони мазкур дар асоси «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2011-2012» имтиҳон месупоранд.

24.Ғолибони ҷойҳои якуми олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми олимпиадаҳои байналмилалӣ аз рӯйи фанҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, зимни мувофиқати ихтисос тариқи сӯҳбат ба курси якум қабул карда мешаванд.

25.Ғолибони ҷойҳои дуюм ва сеюми олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ аз рӯйи фанҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки тавсияномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, танҳо бо мувофиқати равия тариқи сӯҳбат ба курси якум (ба истиснои ихтисосҳои ҳуқуқшиносии умумӣ, муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ), молия ва қарз, иқтисодиёти ҷаҳон, баҳисобгирии иқтисодӣ, таҳлил ва аудит, технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт), фаъолияти бонкӣ, менеҷмент, иқтисод ва идоракунӣ дар корхонаҳо ва забони арабӣ) қабул карда мешаванд.

### Номгӯйи имтиҳонҳо аз рӯйи ихтисос

| т/р | Номгӯйи ихтисосҳо | Қисмҳои имтиҳони тестӣ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Қисми I | Қисми II | Қисми III |
| 1 | Математика, математикаи татбиқӣ, информатика, механика, амнияти компютерӣ | Математика | Физика | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ |
| 2 | Химия, химияи татбиқӣ, технологияи химиявии захираҳои энергетикии табиӣ ва маводи карбонӣ, химия ва технологияи металлҳои ранга, аксбардории геологӣ, ҷустуҷӯ ва иктишофи ККФ, геологияи нафту газ, гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ, коркарди канданиҳои фоиданок (амалиёти маркшейдерӣ) | Химия | Математика | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ |
| 3 | Физика, астрономия, метеорология, мошинҳои ҳисоббарор, комплексҳо, системаҳо ва шабакаҳо, радиофизика ва электроника, электроникаи тиббӣ | Физика | Математика | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ |
| 4 | Биология ва экология | Биология | Химия | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ |
| 5 | Дорусозӣ, кори табобатӣ ва кори тиббӣ-биологӣ | Химия | Биология | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ |
| 6 | Таърих, таърих (бостоншиносӣ), таъриху архившиносӣ, кишваршиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ (дипломат) | Таърих | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ | Забони хориҷӣ |
| 7 | Равоншиносӣ (психология) | Математика | Биология | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ |
| 9 | Фалсафа, сиёсатшиносӣ, сотсиология, кори иҷтимоӣ | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ | Таърих | География, Забон ва адабиёти тоҷик |
| 10 | Ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ), фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ | Таърих | Забони хориҷӣ |
| 11 | Молия ва қарз, фаъолияти бонкӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, омор, иқтисод ва идоракунии корхонаҳо, иқтисод ва идоракунӣ дар соҳаи геология ва саноати кӯҳӣ, иқтисодиёти меҳнат, иқтисодиёти миллӣ, идораи мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт, иқтисод ва идораи КАС, кибернетикаи иқтисодӣ, суғурта, иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ | Математика | География | Асосҳои давлат ва ҳуқуқ |
| 12 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, менеҷмент, маркетинг, идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | Математика | География, асосҳои давлат ва ҳуқуқ | Забони хориҷӣ |
| 13 | Забон ва адабиёти тоҷик, журналистика, журналистикаи байналхалқӣ, иттилоот ва робитаи байналмилалӣ, кори адабӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳо, забонҳои муосири хориҷӣ (забонҳои англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва хитоӣ), забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ, лингвист-ҳуҷҷатнигор, таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ а) арабӣ-англисӣ, б) арабӣ-фаронсавӣ, в) форсӣ-англисӣ, г) ҳиндӣ-англисӣ, д) урду-англисӣ, е) форсӣ-фаронсавӣ, ё) пашту, ж) форсӣ-испанӣ | Забон ва адабиёти тоҷик | Таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ | Забони хориҷӣ |
| 14 | Забон ва адабиёти рус, назария ва амалияи тарҷума | Забон ва адабиёти рус | Таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ | Забони хориҷӣ |

26.Имтиҳони қабул барои довталабони имтиёздор (соҳибони медали нуқра ва биринҷии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ), ки танҳо аз фанни тахассусӣ имтиҳон месупоранд, пеш аз мӯҳлати муқарраршуда сурат мегирад.

27.Баъди гирифтани баҳои мусбат аз кори хаттӣ ва ҳадди ақали муайяншудаи холҳои умумӣ шахсони зайл берун аз озмун ба донишгоҳ қабул карда мешаванд:

-хизматчиёни ҳарбие, ки аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб шудаанд ва дорои имтиёзҳои давлатӣ ҳастанд;

-маъюбони гурӯҳи 1-ум ва 2-юм (аз ҷумла нобиноёни дорои истеъдоди фавқулодда), агар таҳсили онҳо мувофиқи ҳуҷҷати тиббӣ дар ихтисосҳои интихобкардаашон (тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ) манъ набошад;

-ятимони бе падару модар тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда.

28.Хатмкунандагони литсейи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (равияи табиӣ-риёзӣ), ки имтиҳонҳои хатми литсейро бо баҳои «аъло» супоридаанд, ба гурӯҳҳои буҷавии равияҳои табиию риёзӣ бе имтиҳон қабул карда мешаванд. Ҳамчунин хатмкунандагони литсей, ки ба гурӯҳҳои шартномавии ихтисосҳои роиҷи донишгоҳӣ ҳуҷҷат месупоранд, дар асоси баҳои имтиҳонҳои хатми литсей бе имтиҳон ба донишгоҳ қабул карда мешаванд.

29.Шунавандагони шӯъбаи тайёрии донишгоҳ, ки ҳашт моҳ дар шӯъбаи мазкур таҳсил кардаанд ва имтиҳонҳои хатми шӯъбаи тайёриро бо баҳои «аъло» супоридаанд, ба гурӯҳҳои буҷавии ихтисосҳои омӯзгорӣ ва табиию риёзии донишгоҳ бе имтиҳон қабул карда мешаванд. Хатмкунандагони ин шӯъба, ки ҳашт моҳ таҳсил карда, ба гурӯҳҳои шартномавии ихтисосҳои донишгоҳ ҳуҷҷат супоридаанд, дар асоси баҳои имтиҳоноти хатми шӯъба қабул карда мешаванд.

30. Хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки то се фанни таълимиро нахондаанд ва дар шаҳодатномаи таҳсилоташон ифодаи «нахондааст» қайд гардидааст, мувофиқи ихтисоси ба фанҳо алоқаманд ҳуқуқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои дохилшавӣ ба факултетҳои донишгоҳ надоранд.

31.Қабули духтарон ва писарон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006 таҳти № 58 «Дар бораи қабули донишҷӯён ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» ва «Дастурамали қабули духтарон ва писарон ба мактабҳои олӣ (бе имтиҳон) тибқи квотаи Президентӣ» (қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2006 таҳти №3/4) сурат мегирад.

32.Довталабон ба донишгоҳ ба таври шартномавӣ дар асоси натиҷаҳои мусбати имтиҳоноти хаттӣ ва тестӣ аз рӯйи озмун қабул карда мешаванд. Ҳаҷми маблағи ҳарсолаи таҳсилро раёсати донишгоҳ муайян ва тасдиқ менамояд ва он дар эълонҳои комиссияи қабул (дар ҷойи қабули ҳуҷҷатҳо) нишон дода мешавад.

33.Шахсони ҳуқуқӣ (муассиса, корхона ва ташкилот), ки барои таҳсили довталабон дар донишгоҳ роҳхат медиҳанд, дар асоси шартномаи дутарафа ва шахсони алоҳида дар асоси шартномаи инфиродӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталаб маблағи таҳсилро ба суратҳисоби донишгоҳ гузаронанд.

34.Фармони ректор оид ба қабули донишҷӯён ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то оғози соли таҳсил ба имзо мерасад. Дар сурати пурра иҷро нашудани нақшаи қабул вобаста ба ихтисосҳо ректори донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки то 30-юми сентябри соли ҷорӣ фармони иловагии қабули донишҷӯёни ҳамаи намудҳои таҳсилотро ба имзо расонад.

35.Довталабоне, ки ба донишгоҳ қабул мешаванд, агар дар ибтидои таҳсил 15 рӯз бе сабаб ба дарсҳо наоянд, аз сафи донишҷӯён хориҷ карда мешаванд. Дар ин ҳолат маблағи пешакӣ пардохткардаи донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавӣ баргардонида намешавад.

36.Раёсати донишгоҳ бо довталабоне, ки дар гурӯҳҳои буҷавӣ ба сафи донишҷӯён қабул шудаанд, дар асоси банди 7-уми «Низомнома дар бораи бо маром тайёр кардани мутахассисони маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо роҳи шартномавӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 1996 таҳти №137) созишномаи сеҷониба ба имзо мерасонад. Тибқи ин созишнома донишҷӯй баъди хатми донишгоҳ бо роҳхат ба кор фиристода мешавад. Дар мавриди иҷро нагардидани бандҳои ин созишнома маблағи таҳсил аз ҷониби донишҷӯй ба буҷаи давлат баргардонида мешавад.

**III. Тартиби қабули донишҷӯён барои дарёфти таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

37.Дарёфти таҳсилоти дуюми олии касбӣ дар донишгоҳ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» танҳо дар асоси шартнома сурат мегирад.

38.Барои таҳсилоти дуюми олии касбӣ қабул ба курси сеюм дар ҳолати мувофиқати равия ва ихтисосҳо дар асоси сӯҳбат гузаронида мешавад. Дар ҳолати номувофиқатии равия ва ихтисосҳо вобаста ба теъдоди фарқияти санҷишу имтиҳонҳо (на зиёда аз ҳафт фарқият, ба истиснои ихтисосҳои роиҷи донишгоҳӣ, ки аз рӯйи таҳсилоти дуюми олӣ нақшаи таълимии сесола доранд) довталаб ба курсҳои якум ё дуюм қабул карда мешавад.

39.Довталабоне, ки таҳсилоти якуми олии касбӣ доранд, барои гирифтани таҳсилоти дуюми олии касбӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаҳои қабули мазкур дар мӯҳлати муқаррargардида ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

-ариза ба номи ректори донишгоҳ;
-дипломи намунаи давлатӣ бо замимааш дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (нусхаи асл);
-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ дар хусуси фаъолияти корӣ вобаста ба самт, равия ва ихтисоси интихобкарда;
- маълумотномаи тиббӣ (шакли №086-У);
- 6 адад расм (андозаи 3х4 см);
- шиноснома ё ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи шахсият.

40.Довталабон барои дарёфти маълумоти иловагӣ метавонанд ба комиссияи қабули донишгоҳ ба нишонаи зерин муроҷиат намоянд:

шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, «Шаҳраки донишҷӯён», бинои 12, Комиссияи қабули ДМТ.

Ҳуҷҷатҳои довталабон аз рӯйи тамоми ихтисосҳо бо нишонии зерин қабул карда мешаванд: маҳаллаи **Буни Ҳисорак, «Шаҳраки донишҷӯён», бинои таълимии 12-уми ДМТ (троллейбусҳои 11, 12; автобусҳои 1, 8, 15, 23, 18, 40; микроавтобусҳои 54, 10, 12, 16, 17, 19, 22, 23; истгоҳи «Боғи ҷавонон» ва «Шаҳраки донишҷӯён»).**

**Марҳабо, ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон!**

**Комиссияи қабули ДМТ**

# Э Ъ Л О Н !

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон мерасонад, ки аз оғози соли хониши 2012-2013 Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз менамояд.**

Бо мақсади ҷалби хонандагон ба таҳсил дар Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» дар шаҳри Душанбе дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи қабул таъсис дода шудааст.

Дар муассисаи таълимии номбурда хонандагони синфҳои I-XI тариқи шартнома (бо пардохти маблағи ҳаққи таҳсил) ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Тибқи талаботи Ойинномаи мактаби мазкур, дар Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» дар шаҳри Душанбе шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ ба таҳсил ҷалб карда мешаванд.

Таҳсил дар муассисаи таълимии номбурда аз рӯйи барнома ва китобҳои дарсии Донишгоҳи Оксфорди Британияи Кабир бо забони англисӣ ба роҳ монда мешавад. Ба истисно, танҳо барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърихи халқи тоҷик, географияи Тоҷикистон, суруд ва мусиқӣ тибқи талаботи нақша, барнома ва китобҳои дарсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ ба роҳ монда мешавад.

Комиссияи қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро ҳамарӯза аз соати $8^{00}$ то$16^{00}$-и рӯзҳои 10 июн то 20 августи соли 2012 қабул менамояд.

Ба комиссияи қабул падару модари хонанда (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза ба номи директори муассиса аз ҷониби падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд);
- нусхаи шаҳодатномаи таваллуд ва шиносномаи падару модари хонанда (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд);
- маълумотномаи тиббии хонанда, бо қайди он ки ӯ имконияти таҳсил дар мактабро дорад;
- маълумотнома оид ба таҳсили фарзанд дар муассисаи таълимӣ (барои хонандагони синфҳои 2-11);
- варақаи маҷмӯи ҳисоботи пешрафт ва рафтори хонанда (барои соли таҳсили охирин);
- ду дона расми 3х4.

Хоҳишмандон метавонанд бо суроғаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нисор Муҳаммад 13«а», телефон 227-35-76, 221-36-11 муроҷиат намоянд.

***Комиссияи қабул***

# Э Ъ Л О Н !

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон мерасонад, ки аз оғози соли хониши 2012-2013 Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз менамояд.**

Бо мақсади таъмини омӯзгорон дар Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби байналмилалии Президентӣ» дар шаҳри Душанбе дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи қабули омӯзгорон таъсис дода шудааст.

Комиссияи қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро ҳамарӯза аз 10 июн то 20 августи соли 2012 соатҳои 14-16 аз рӯйи фанҳои зерин:

- забон ва адабиёти тоҷик-4 нафар;
- забони русӣ – 4 нафар;
- забони хориҷӣ (англисӣ)- 6 нафар;
- забони давлатӣ -2 нафар;
- таърихи халқи тоҷик – 1 нафар;
- таърихи умумӣ – 2 нафар;
- ҳуқуқи инсон - 1 нафар;
- алгебра ва геометрия – 4 нафар;
- химия-2 нафар;
- биология-2 нафар;
- физика-2 нафар;
- технологияи информатсионӣ- 3 нафар;
- география – 2 нафар;
- технология (таълими меҳнат) – 2 нафар;
- тарбияи ҷисмонӣ-2 нафар;
- омодагии дифои ҳарбӣ-1 нафар;
- суруд ва мусиқӣ-2 нафар;
- географияи Тоҷикистон- 1 нафар;
- расм ва ороиш (дизайн)-1 нафар омӯзгоронро қабул менамояд.

**Шартҳои асосии озмун:**

- доштани таҳсилоти олии касбӣ бо собиқаи кории на кам аз се сол;
- донистани забони англисӣ доир ба ихтисос ҳатмист.

Хоҳишмандон метавонанд ба суроғаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нисор Муҳаммад 13«а», телефон: 227-35-76, 221-36-11 муроҷиат намоянд.

***Комиссияи қабул***



# Ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» хатсайри нави Хуҷанд – Бишкек – Хуҷандро ифтитоҳ менамояд

**Парвозҳо дар хатсайри нав ҳафтае як маротиба рӯзҳои душанбе тавассути ҳавопаймои Боинг 737-500 сурат мегиранд. Вақти парвоз аз фурудгоҳи Хуҷанд соати $11^{00}$ муқаррар гардида, давомнокии парвоз як соатро ташкил медиҳад. Арзиши чипта - 130 евро.**

**Аз фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ҶСК «Тоҷик Эйр» айни замон ба самтҳои Москва, Новосибирск, Санкт-Петербург ва Алма-ато парвозҳо анҷом медиҳад.**

# Объявление

**на замещение вакантной должности**

**Дата: 22.06.2012г.**

Центр управления Проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующих вакантных должностей:

Главный специалист по процедурам оценки и мониторинга

Квалификационные требования:

- высшее экономическое или юридическое образование или в соответствующих областях;
- хорошие знания международного опыта мониторинга и оценки проектов;
- способность к аналитической работе и составлению отчетности, хорошие навыки написания и подачи материалов;
- успешный опыт управленческой работы не менее 3 лет;
- опыт разработки и подготовки проектов (предпочтительно в сфере инфраструктуры);
- знание таджикского, русского языка (английский язык приветствуется);
- коммуникабельность, доброжелательность, умение работать с персоналом;
- хорошие навыки работы на компьютере.

Подробное описание заданий можно получить в Центре управления Проектом.

Биография, копия диплома, резюме и др. документы должны быть доставлены до $17^{00}$ ч., 6 июля 2012 г. по адресу:

**г. Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, ЦУП, 4-й этаж.**
**Тел: 233-88-25, 233-13-30**
**Почта эл.: office@midp.tj**

# БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН !

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроғa: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1841/1-833 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Подсумка барои магазини автомат<br>Кобураи чармӣ барои пистолет<br>Ремен барои автомат | дона<br>дона<br>дона | 150<br>110<br>150 | 3.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 1842/2-539 | Таваллудхонаи №3, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 54 | 3.07.2012 соати $9^{30}$ |
| 1843/2-540 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №21, ноҳияи Рӯдакӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Таҷҳизоти таълимӣ барои синфхонаи биология | номгӯй | 28 | 3.07.2012 соати $10^{00}$ |
| 1844/2-541 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Намаки техникӣ<br>Қуми шустагӣ | тонна<br>$м^3$ | 800<br>850 | 12.07.2012 соати $9^{30}$ |
| 1845/2-542 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Асфалти гарми майдадона<br>Битум | тонна<br>тонна | 500<br>8 | 12.07.2012 соати $9^{50}$ |
| 1846/2-543 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Тухмии алаф, гул ва нуриҳои минералӣ | номгӯй | 5 | 3.07.2012 соати $10^{15}$ |
| 1847/2-544 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Мизу курсӣ барои мактаб, ҷевони китобмонӣ | номгӯй | 5 | 12.07.2012 соати $10^{30}$ |
| 1848/2-545 | Хона- интернати пиронсолон ва маъюбони ш.Турсунзода | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Ангиштсанг,<br>Ҳезум | тонна<br>$м^3$ | 200<br>40 | 12.07.2012 соати $10^{45}$ |
| 1849/3-429 | Муассисаи давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда | Х. Исмоилов 227-04-75 | Сохтмони биноӣ маъмурӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 3.07.2012 соати $11^{00}$ |
| 1850/3-430 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Тайёр намудани нишони сарисинагӣ, ҷузвдони нишони сарисинагӣ ва шаҳодатномаи «Аълочии матбуот» | адад | 500 | 12.07.2012 соати $11^{00}$ |
| 1851/3-431 | Тавваллудхонаи мушоҳидаи септикии шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири таваллудхона | тибқи санади нуқсонӣ | | 12.07.2012 соати $11^{30}$ |
| 1839/4-31 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Р. Каримов 221-47-03 | Тартиб додани системаи автоматикунонидашудаи хариди давлатӣ | тибқи фармоиши техникӣ | | 3.07.2012 соати $10^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.



# «ШИРЛАЙН" - дар бист рӯз хароб мешавем!

Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.

«Ширлайн»-ро замони гирифторӣ ба бемориҳои бехобӣ, асабоният, бавосир (геморрой) ва кори сусти узвҳои ҳозима истеъмол намудан манфиати зиёд дорад. Ҳангоми гастрити бардавом, бемории захми меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта (як қошуқчаашро дар 150 г об ҳал карда, рӯзе се бор истеъмол кунед).

Тахти пӯст ва рӯйро ҳамвор ва зебо мекунад. «Ширлайн» ҳамчунин воситаи беҳамто барои тоза намудани организм ва мулоим кардани он ва раҳой аз вазни зиёдатист.

**ИСТЕЪМОЛИ БЕ ТАНАФФУСИ ОН ДАР ДАВОМИ БИСТ РӮЗ ШУМОРО АЗ ПАНҶ КИЛО ВАЗНИ ЗИЁДАТӢ РАҲОЙ МЕБАХШАД.**

(2 қошуқча дар 200 мл об омехта намуда, дар як рӯз як бор саҳарӣ бо дили гурусна нӯшед).

Организми инсонро одат намекунонад ва ба ҳоли пештараи фарбеҳшавӣ бар намегардонад. Истеъмоли он такроран мумкин аст. Пуртаъсир ва тамоман безарар аст.

**Маҳсулот дорои сертификат мебошад. Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

**Истеҳсолкунанда: Россия. Аз дорухонаҳо пурсон шавед. Нархаш 36-45 сомонӣ**

# АРТРОВИТ-и гармибахш (согревающий)



Шакли истеҳсол: 125 мл.

***ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ***

**Таъсир:** барои истифода ҳангоми бемории артритҳо (буғумдард), миалгияҳо (дарди мушакҳо), невралгияҳои байниқабурғавӣ, невритҳо, сарбориҳои барзиёд ба узвҳои такяву ҳаракат ва оқибати латхӯриҳо.

Унсурҳои фаъоли малҳам таъсири баръалои зиддиилтиҳобӣ ва антисептикӣ доранд, таркибаш рагҳоро васеъ мекунанд ва ангезиш ба вуҷуд оварда, ба ин тариқ беҳшавии гардиши хунро мусоидат мекунад.

Истифодаи малҳам аломатҳои нотобии буғумҳоро хеле кам мекунад, дард, варам, илтиҳоб бартараф мешавад, ҳаракати буғумҳо беҳ мегардад.

Омӯзиши клиникии таъсирбахшӣ ва тобоварии инфиродӣ дар муассисаҳои бонуфузи табобатӣ ва илмии Россия анҷом дода шудааст:

***«Пажӯҳишгоҳи ревматологияи Академияи илмҳои тибби ФР», «Маркази шаҳрии ревматологии Москва» ва ғайраҳо...***

Натиҷаҳои бадастомада таъсирбахшии баланди воситаро исбот сохтанд ва афзалияти «Артровит»-ро безарар ва одатнадиҳанда баҳо додаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифода:**

Малҳамро рӯзе ду ё се маротиба ба пӯсти буғуми дардманд бо ҳаракатҳои масҳкунанда моледа.

Ба ашхоси пӯсташон аз ҳад зиёд нозук истифодаи «Артровит»-и ғизобахш (питающий) тавсия мешавад.

Аз расидан ба чашм эҳтиёт бошед.

**Таркиб:** бензилникотинат, равғани эфири пӯдина, равғани эфири эвкалипт, равғани қатрон (скипидар), ҷавҳари қаланфури сурх, ҷавҳарҳои эвкалипт, липа, газна, девясил, тихач, пижма.

**Телефон барои маълумот: 985-10-55-05 ва 918-47-93-93.**

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**



# Шампун бо номи «КОНЦЕНТРАТ»

***БАРОИ ЗУД БАРҚАРОР, МУСТАҲКАМ ВА ДАРОЗ КАРДАНИ МӮЙҲО***

Консентрат бо ҷавҳари баргҳои тару тозаи газна воситаи идеалист барои нигоҳубини ҳама намуди мӯйҳои мушкилотдор.

Илтиҳоби пӯстро коҳиш медиҳад, кори ғадудҳои арақу равғанбарорро ба танзим медарорад, ба решаи мӯйҳо ғизо мебахшад. Ҳангоми осеб дидани мӯйҳо, калшавӣ ва сабӯсаки сар фоидаовар аст. Шикастан ва дуқӯша шудани мӯйҳоро пешгирӣ мекунад,

Барои мӯйҳои хушку тунук, сафед, равғанин; барқарор кардани мӯйҳои аз таъсири омилҳои беруна ва аз зиёд ранг кардан осебдида; ҳангоми рехтани мӯйҳо тавсия дода мешавад.

Баъди истифода аз шампуни **«КОНЦЕНТРАТ»** мӯйҳо озода ва итоаткор мешаванд.

Аз чорсола боло ба ҳамаи синну сол ва бар марду зан истифодабариаш мумкин аст.

Истифодабариаш махсус рӯзҳои муайянро талаб намекунад.

**ШАКЛИ ИСТЕҲСОЛ. Лӯлачаи 150 мл. Телефонҳо барои маълумот: 985-10-55-05; вилояти Суғд ва ноҳияҳои он 985-33-33-17. Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**






# ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢ Дафтарчаи имтиҳонии №1014/11-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ соли 2012 ба Амонов Абдулло Маҳмадуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Марказӣ (ҳоло ноҳияи Фирдавсӣ) 28 марти соли 1999 бо суроғаи кӯчаи Есенин 17, гузаргоҳи 8 ба Гадоев Латиф додааст, эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1992 бо суроғаи кӯчаи Камоли Хуҷандӣ 57в ба Абдуллоев Абдураҳим додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли силсилаи ШМХ №0033355-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 29-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Тайиров Шуҳрат Турдимуротович додааст, эътибор надорад.

➢ Патенти № 0229560-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 6 апрели соли 2012 ба Тоҷибоев Исмоил Рустамович додааст, эътибор надорад.

➢ Дипломи №Э – 1047006-и гумшуда, ки онро Техникуми индустриалӣ-педагогии (ҳоло Коллеҷи муҳандисӣ-омӯзгорӣ)-и шаҳри Душанбе соли 1975 ба Абрпохоров Тогдир додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли №099807-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ноҳияи Ҳисор соли 1988 ба Саидов Илҳомидин Имомович додааст, эътибор надорад.

➢ Номаи камоли Т-ШТУ №0327980-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 37-и ноҳияи Ҳисор соли 2010 ба Ғаюрзода Кароматуллои Муҳаммадӣ додааст, эътибор надорад.

➢ Дафтарчаи имтиҳонии №155-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2007 ба Сафаралиев Мирабдулло Файзалиевич додааст, эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникӣ ва Шаҳодатномаи бақайдгирии №6838-и гумшуда, ки онро КФББТ-и ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи деҳаи Ҳазора, Ҷамоати деҳоти Сарикиштии ноҳияи Рӯдакӣ 29 марти соли 1988 ба Шарипов Мумин додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 7 июни соли 1994 таҳти феҳрасти №8Д4-378 бо суроғаи кӯчаи Муҳаммадиева, хонаи 22, ҳуҷраи 57 ба Одинаева Биби Умаровна додааст, эътибор надорад.

➢ Манзилномаи №4949-и гумшуда, ки онро Ҳукумати шаҳри Душанбе бо протоколи №40 аз 7 октябри соли 1993 ба Мудинов Осим Бурханович додааст, эътибор надорад.

➢ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0001181 бо РЯМ 0130000915-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур 3 сентябри соли 2009 ба Ширинова Шарофат Баротовна додааст, эътибор надорад.

➢ Шартномаи хариду фурӯши бинои мағозаи №22- и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ваҳдат таҳти феҳрасти 11-1-146 бо суроғаи деҳаи Гулобод, Ҷамоати деҳоти Б. Бурунов 12 сентябри соли 2009 ба Азизов Аваз Нусратович додааст, эътибор надорад.



Аз дорухонаҳо пурсон шавед.

# ТАНАКСОЛ плюс - бар зидди (ихроҷ)-и ЛЯМБЛИЙ!

**40 фоизи кӯдакон ва 10 фоизи калонсолони рӯйи замин ба бемории лямблиоз гирифторанд.**

Ширкати илмию истеҳсолии «БИОЛИТ»-и Федератсияи Россия воситаи нодиреро коркард намудааст, бо номи **ТАНАКСОЛ плюс,** ки он аз ҷамъи гиёҳҳои шифобахш тайёр карда шуда, тамоман безарар аст.

**Омилҳои истифодаи ТАНАКСОЛ плюс:**

- ҳангоми бемориҳои паразитӣ ва сироятӣ (лямблиоз, амебиоз, аскаридоз, энтеробиоз,) истифода мегардад, ба барқароршавии микрофлораи меъда мусоидат мекунад;
- ба ҳоли имрӯз воситаи аз ҳама самараноки зидди лямблиоз барои кӯдакон ва калонсолон маҳсуб меёбад. Ҳар шахс барои пешгирии худ ё тифли худ метавонад аз ТАНАКСОЛ плюс истифода барад то ду-се маротиба ҳар соле.

Дар ҳолатҳои вазнин, ТАНАКСОЛ плюсро якҷоя бо дигар воситаҳои синтетикии зидди ихроҷ истифода бояд бурд. Танаксол плюс таъсири манфии доруҳои синтетикиро кам мекунад.

**Тарзи истифодабарӣ:** Кӯдакони аз 1-сола 1/6қ., аз 2 то 7-сола 1/3қ., аз 7 то 12-сола 2/3 қ., аз 12-сола ва калонсолон аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок.

**Давомнокӣ:** аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз. Рег № 000678

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз фавти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАКИМОВА ХАДИЧА**

андӯҳгин буда, ба пайвандони марҳум аз даргоҳи Худованди карим сабри ҷамил хоҳонанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бинобар фавти нобаҳангоми директори Муассисаи хоҷагии ҷангал ва шикори Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**САФАРОВ ХОЛМУМИН**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба хешу пайвадонаш аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

Кормандони рӯзномаи «Садои мардум» ба мусаҳҳеҳи рӯзнома Марзия Алиева нисбати вафоти ҷонгудози

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба аҳли оила, хешу пайвандону наздиконашон аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

**Садои мардум**

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 22 июни соли 2012, соати 11.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26647 нусха

Навбатдори шумора А.Муродов

Тарроҳи компютерӣ И. Самохин